ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ШАҲОДАТНОМА
ДАР БОРАИ АЗНАВБАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ИТТИҲОДИЯИ ҶАМЪИЯТӢ

Рақами қайди ИҶ 328 «Г» 16 феврали соли 2024

Номи расмии иттиҳодияи ҷамъиятӣ – Ташкилоти ҷамъиятии «Федератсияи футболи Тоҷикистон».

Навъи иттиҳодияи ҷамъиятӣ-ҷумҳуриявӣ.

Маҳалли ҷойгиршавии иттиҳодияи ҷамъиятӣ-Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Садриддин Айнӣ 14/3.

Ҳадафҳои асосии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ - такмил ва рушд додани бозии футбол, ташвиқу тарғиб, танзим ва назорат кардани он дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тавҷуҳ ба бозии одилона ва арзишҳои муттаҳидкунанда, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва башардӯстонаи он, махсусан тавассути барномаҳои ҷавонон ва барномаҳои рушд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои азнавбақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ 360 (сесаду шаст) сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт карда шудааст.

Вазир Музаффар Ашуриён

ВАТҶ № 0002417

“Тасдиқ карда шудааст”
Дар Конгресси Федератсияи
футболи Тоҷикистон
“16” декабри соли 2023, № 32

ОИННОМАИ
ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ
ФЕДЕРАТСИЯИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН

ш. Душанбе

МУНДАРИҶА

Модда	Саҳифа
ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТ	**3**
I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ	**4-8**
II. УЗВИЯТ	**8-13**
III. ПРЕЗИДЕНТИ ФАХРӢ ВА АЪЗОИ ФАХРӢ	**13**
IV. СОЗМОН	**13-28**
А. Конгресс	14
Б. Кумитаи иҷроия	20
В. Президент	23
Г. Котиботи генералӣ	24
Ғ. Кумитаҳои доимӣ	25
Д. Мақомоти иҷозатномадиҳандаи клубҳо	28
V. КУМИТАҲОИ МУСТАҚИЛ	**28-31**
VI. ЧОРАҲОИ ИНТИЗОМӢ	**31-32**
VII. ҲАКАМ (АРБИТРАЖ)	**32-33**
VIII. ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ	**33-35**
IX. МУСОБИҚАҲО ВА ҲУҚУҚ ДАР МУСОБИҚАҲО ВА ЧОРАБИНИҲО	**35-37**
X. ВОҲӮРИҲО ВА МУСОБИҚАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ	**37**
XI. МУҚАРРАРОТИ НИҲОӢ	**38-39**
ЗАМИМАИ А – САВОЛНОМА БАРОИ САНҶИШИ САДОҚАТМАНДӢ	**40-42**

ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТ

Истилоҳоти поён мафҳумҳои зеринро ифода мекунанд:

ФФТ: **ФЕДЕРАТСИЯИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН (TFF)**
АФК: КОНФЕДЕРАТСИЯИ ФУТБОЛИ ОСИЁ (AFC)
ФИФА: ФЕДЕРАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АССОТСИАТСИЯҲОИ ФУТБОЛ (FIFA)
КАФА: АССОТСИАТСИЯИ ФУТБОЛИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ (CAFA)
Федератсия: ассотсиатсияи футбол, ки аз ҷониби ФИФА ва конфедератсияи дахлдор эътироф карда шудааст. Он узви ФИФА мебошад, агар контекст маънои дигарро надошта бошад.
Лига: созмоне, ки тобеи Федератсия мебошад.
Федератсияи минтақавӣ: созмоне, ки тобеи Федератсия мебошад.
Конфедератсия: гурӯҳи ассотсиатсияҳое, ки аз ҷониби ФИФА эътироф карда шудаанд ва ба як қитъа (ё минтақаи ҷуғрофӣ) тааллуқ доранд.
Клуб: узви Федератсия (яъне узви ФИФА ва конфедератсияи дахлдор) ё узви лигаи аз ҷониби Федератсия эътирофшуда мебошад, ки ҳадди ақал ба як даста дар мусобиқа дохил мешавад.
Шахси мансабдор: ҳар аъзои шӯро (аз ҷумла аъзоёни Кумитаи иҷроия), аъзои кумита, довар ва ёвари довар, мураббӣ, тренер ва ҳар шахси дигаре, ки барои масъалаҳои техникӣ, тиббӣ ва маъмурӣ дар ФИФА, конфедератсия, федератсия, ассотсиатсия, лига ё клуб масъул аст, инчунин дигар шахсоне, ки барои риоя намудани Оинномаи ФИФА уҳдадор мебошанд (ба истиснои бозигарон ва миёнаравҳо).
Бозигар: футболбозе, ки аз ҷониби ФФТ ба қайд гирифта шуда, шаҳодатнома дода шудааст.
Конгресс: мақоми олӣ ва қонунгузори ФФТ.
Кумитаи иҷроия: мақоми стратегӣ ва назораткунандаи ФФТ.
Бюрои Кумитаи иҷроия: Бюрои Кумитаи иҷроия ҳамаи масъалаҳоеро баррасӣ менамояд, ки дар байни ду ҷаласаи Кумитаи иҷроия фавран ҳал карда мешаванд.
Аъзо: шахси ҳуқуқие, ки аз ҷониби Конгресс ба узвияти ФФТ қабул карда шудааст.
Вакил (делегат): шахси воқеӣ, ки ба таври қонунӣ аъзои Конгрессро намояндагӣ мекунад.
Футбол: бозӣ, ки аз ҷониби ФИФА назорат карда шуда, аз тарафи ФИФА, конфедератсияҳо ва/ё ассотсиатсияҳо мутобиқи Қоидаҳои бозӣ ташкил карда мешавад.
Қоидаҳои бозӣ: қоидаҳои футбол, ки аз ҷониби ИФАБ мутобиқи муқаррароти дахлдори Оинномаи ФИФА содир карда шудаанд.
ИФАБ: Шӯрои байналмилалии ассотсиатсияҳои футбол (IFAB).
Судҳои дорои юрисдиксияи умумӣ: судҳои давлатӣ ва иқтисодӣ, ки баҳсҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва хусусиро баррасӣ мекунанд.
CAS: Суди варзишии арбитражӣ, ки дар шаҳри Лозанна (Швейтсария) воқеъ аст.
Миёнарав: шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки дар ФФТ ба қайд гирифта шудааст ва бо пардохти маблағ ё ба таври ройгон дар музокираҳо барои бастани шартномаи меҳнатӣ бозигарон ва/ё клубҳоро намояндагӣ мекунад ё клубҳоро дар музокираҳо бо мақсади бастани шартнома оид ба гузариши (трансфери) бозигар намояндагӣ мекунад.
Академияи футбол: муассисаи футбол, ки тобеи ФФТ мебошад.

Эзоҳ: истилоҳоте, ки ба шахсони воқеӣ дахл доранд, ҳар ду ҷинсро дар бар мегиранд. Ҳар гуна истилоҳ дар шумораи танҳо ба ҷои шумораи ҷамъ ва ҳар гуна истилоҳ дар шумораи ҷамъ ба ҷои шумораи танҳо татбиқ карда мешавад.

I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. **Шакли ҳуқуқӣ, идораи марказӣ ва тамғаҳои молӣ**

1. Оинномаи мазкур мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, мақоми ҳуқуқӣ, мавзӯъ, ҳадафҳо, салоҳият ва принсипҳои асосии фаъолияти ФФТ-ро муайян мекунад.

2. Номи пурраи ФФТ:

   - ба забони давлатӣ: Ташкилоти ҷамъиятии “Федератсияи футболи Тоҷикистон”;
   - ба забони русӣ: Общественная организация “Федерация футбола Таджикистана”;
   - ба забони англисӣ: Public Organisation "Tajikistan Football Federation".

3. Идораи марказии ФФТ дар кӯчаи С. Айнӣ 14/3, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст.

4. ФФТ аъзои ФИФА, АФК ва КАФА мебошад.

5. Парчами ФФТ: 

6. Нишони (логотипи) ФФТ: 

7. Ихтисораи Федератсияи футболи Тоҷикистон – ФФТ мебошад.

8. Парчам, логотип ва ихтисора мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қонунӣ ба қайд гирифта мешаванд.

9. ФФТ созмони ғайритиҷоратӣ, мустақил ва худидоракунанда мебошад ва бар асоси принсипҳои ошкорбаёнӣ, ихтиёрӣ, баробарӣ ва демократия фаъолият мекунад.

10. ФФТ шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст.

11. ФФТ ба даст овардани даромадро ҳамчун ҳадафи асосии худ намедонад. Ҳамаи даромадҳо аз фаъолиятҳои ФФТ барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ равона карда мешаванд.

12. ФФТ ба муҳлати номаҳдуд ташкил карда мешавад.

Моддаи 2. **Ҳадафҳо**

Ҳадафҳои ФФТ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) ҳамеша такмил ва рушд додани бозии футбол, ташвиқу тарғиб, танзим ва назорат кардани он дар саросари ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба бозии одилона ва арзишҳои муттаҳидкунанда, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва башардӯстонаи он, махсусан тавассути барномаҳои ҷавонон ва барномаҳои рушд;

б) ташкил намудани мусобиқаҳои футбол, футзал ва футболи канорисоҳилӣ дар сатҳи миллӣ тавассути муайян кардани соҳаҳои ваколатҳои додашуда ба лигаҳои гуногун, ки аз онҳо иборат мебошад;

в) таҳия намудани қоидаҳо ва муқаррарот, инчунин таъмин намудани иҷрои онҳо;

г) ҳимояи манфиатҳои аъзоёни он;

ғ) эҳтиром гузоштан ва пешгирӣ намудан аз ҳар гуна вайронкунии муқаррароти Оиннома, низомномаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА, АФК ва ФФТ, инчунин Қоидаҳои бозӣ ва таъмини риояи онҳо аз ҷониби аъзоёни он;

д) таъмини дастрасии бозии футбол барои ҳамаи онҳое, ки сарфи назар аз ҷинс ва синну сол мехоҳанд дар он дар ҳудуди Тоҷикистон иштирок намоянд;

е) ташвиқ намудани поктинатию садоқатмандӣ, ахлоқ ва бозии одилона бо мақсади пешгирии ҳамаи методҳо ё таҷрибаҳое ба монанди коррупсия, допинг ё тақаллубкории (манипулятсия) бозӣ, ки метавонанд ба одилона будани бозиҳо, мусобиқаҳо, бозигарон, шахсони мансабдор ва аъзоён зарар расонанд ё боиси суиистифода аз футбол, футзал ё футболи канорисоҳилӣ шавад;

ё) ташвиқ намудан ва тақвият додани принсипҳо ва таҷрибаҳои идоракунии хуб дар сатҳи миллӣ ва ташвиқи аъзоёни он барои қабул кардани принсипҳои шахсӣ оид ба идоракунии хуб;

ж) мусоидат ба рушди футболи бонувон ва иштироки ҳамаҷонибаи онҳо дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии футбол;

з) назорати тамоми бозиҳои дӯстонаи ҳамаи намудҳои футбол, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешаванд;

и) мутобиқи оинномаҳо ва муқаррароти дахлдори ФИФА ва конфедератсияҳо назорат намудани футбол, футзал ва футболи канорисоҳилӣ дар сатҳи миллӣ ва назорати ҳамаи шаклҳои бозиҳои байналмилалии футбол, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешаванд;

й) идора намудани муносибатҳои байналмилалии варзишии вобаста ба футбол, футзал ва футболи канорисоҳилӣ, инчунин ҳифз намудани муносибатҳои хуб ва ҳамкорӣ бо дигар ассотсиатсияҳо, АФК ва ФИФА;

к) мизбонӣ намудани мусобиқаҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва дигар сатҳҳо.

Моддаи 3. Ҳуқуқҳои инсон

ФФТ барои риоя намудани ҳамаи ҳуқуқҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи инсон уҳдадор мебошад ва ҷиҳати мусоидат ба ҳимояи ин ҳуқуқҳо талош менамояд.

Моддаи 4. Ҳуқуқҳои ФФТ

4.1. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда, ки дар Оиннома муайян карда шудаанд, ФФТ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонун суратҳисобҳои бонкӣ кушояд;

- мӯҳр, штамп ва бланкаҳо бо номи пурраи созмон ба забонҳои давлатӣ ва англисӣ, инчунин аломат (эмблема), тамғаи молӣ дошта бошад, ки бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шудаанд;
- моликияти алоҳида, инчунин тавозуни мустақил дошта бошад;
- ҳуқуқҳои амвол ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро харад ва онҳоро амалӣ намояд;
- дар бораи фаъолиятҳои худ хабар диҳад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии худ мусоидат намояд;
- воситаҳои ахбори оммаи (ВАО) худро ташкил диҳад;
- барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ аз захираҳо истифода намояд;
- дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
- бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои дорои шаклҳои дигари моликият ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он созишномаҳои гуногун ба имзо расонад.

4.2. Мизҳои мудаввар ва семинарҳо баргузор намуда, ҳуқуқҳои худ ва манфиатҳои аъзоёни худро дар мақомоти судӣ ҳимоя мекунад.

4.3. Дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

Моддаи 5. **Уҳдадориҳои ФФТ**

5.1. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ ва иҷрои вазифаҳои дар Оиннома муайяншуда, ФФТ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст:

а) дар раванди татбиқи фаъолияти оинномавӣ Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро риоя намояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст;

б) дастрасии намояндагони мақоми бақайдгирандаро ба иттилоот дар бораи фаъолиятҳои ФФТ таъмин намояд;

в) ҳар сол то 1-уми апрел ба мақоми бақайдгиранда дар бораи гузаронидани фаъолиятҳои гуногун маълумот пешниҳод намояд.

Моддаи 6. **Роҳ надодан ба табъиз ва таъмини баробарӣ**

Ҳар гуна табъиз нисбат ба кишвар, шахси воқеӣ ё гурӯҳи одамон аз рӯи нажод, ранги пӯст, мансубияти қавмӣ, миллӣ ё иҷтимоӣ, ҷинс, маъюбият, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё ҳар гуна фикру андеша, сарват, таваллуд ё ҳар гуна мақоми дигар, тамоюли ҷинсӣ ё ҳар гуна сабабҳои дигар қатъиян манъ аст ва бо муваққатан озод кардан аз иҷрои уҳдадориҳои хидматӣ ё хориҷ кардан ва/ё дигар чораҳои интизомӣ ҷазо дода мешавад.

Моддаи 7. **Бетарафӣ ва мустақилияти институтсионалӣ**

1. ФФТ дар масъалаҳои сиёсат ва дин бетараф аст.

2. Аъзоёни ФФТ ҳамчунин дар масъалаҳои сиёсат ва дин бетараф мебошанд ва боварӣ ҳосил менамоянд, ки аъзоёни онҳо бетараф боқӣ мемонанд.

3. ФФТ мустақил боқӣ мемонад ва аз ҳар гуна дахолат ба масъалаҳои сиёсӣ худдорӣ мекунад. ФФТ корҳои худро мустақилона идора мекунад ва таъмин менамояд, ки корҳои он таҳти таъсири ҳар гуна тарафҳои сеюм қарор надоранд.

Моддаи 8. Рушди муносибатҳои дӯстона

1. ФФТ ба рушди муносибатҳои дӯстона дар байни аъзоён, клубҳо, шахсони мансабдор ва бозигарон, инчунин дар ҷомеа бо ҳадафҳои башардӯстона мусоидат мекунад.

2. ФФТ воситаҳои зарурии институтсионалиро барои ҳалли ҳар гуна баҳсҳои дохилие таъмин менамояд, ки мумкин аст дар байни аъзоён, клубҳо, шахсони мансабдор ва бозигарон ба вуҷуд оянд.

Моддаи 9. Бозигарон

1. Мақоми бозигарон ва шартҳои бақайдгирии онҳо аз ҷониби Кумитаи иҷроия мутобиқи Қоидаҳои ФИФА дар бораи мақом ва гузариши бозигарон танзим карда мешавад.

2. Бозигарон бояд мутобиқи муқаррароти ФФТ ба қайд гирифта шаванд.

Моддаи 10. Қоидаҳои бозӣ

1. ФФТ ва ҳар аъзои он мутобиқи Қоидаҳои бозӣ футболбозӣ мекунанд, ки аз ҷониби Шӯрои байналмилалии ассотсиатсияҳои футбол (ИФАБ) содир карда шудаанд. Танҳо ИФАБ метавонад Қоидаҳои бозиро муқаррар кунад ва тағйир диҳад.

2. ФФТ ва ҳар аъзои он мутобиқи Қоидаҳои бозии футзал, ки аз ҷониби ФИФА нашр карда шудаанд, футзал бозӣ мекунанд. Танҳо ФИФА метавонад Қоидаҳои бозии футзалро муқаррар кунад ва тағйир диҳад.

3. ФФТ ва ҳар аъзои он мутобиқи Қоидаҳои футболи канорисоҳилӣ, ки аз ҷониби ФИФА нашр карда шудаанд, футболи канорисоҳилӣ бозӣ мекунанд. Танҳо ФИФА метавонад Қоидаҳои футболи канорисоҳилиро муқаррар кунад ва тағйир диҳад.

Моддаи 11. Рафтори мақомот, шахсони мансабдор ва дигар шахсон

1. Ҳамаи мақомот ва шахсони мансабдори ФФТ дар фаъолиятҳои худ Оиннома, муқаррарот, дастурҳо, қарорҳо ва Кодекси ахлоқи ФИФА, АФК, КАФА ва ФФТ-ро риоя мекунанд.

2. Ҳар шахс ва созмоне, ки дар бозии футбол, футзал ва футболи канорисоҳилӣ дар ҳудуди ФФТ иштирок мекунад, уҳдадор аст, ки Оиннома ва қоидаҳои ФИФА, АФК, КАФА, ФФТ ва дигар оинномаҳои дахлдор, инчунин принсипҳои бозии одилона, садоқатмандӣ, поквиҷдонӣ ва рафтору ахлоқи варзиширо риоя намояд.

Моддаи 12. **Забонҳои расмӣ**

1. Забони расмии ФФТ забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – забони тоҷикӣ мебошад. Дар баробари забони тоҷикӣ забонҳои русӣ ва англисӣ низ истифода мешаванд. Дар сурати пайдо шудани ихтилофот дар тафсири матнҳо ба забонҳои гуногун, афзалият ба матни ба забони тоҷикӣ навишташуда дода мешавад.

2. Забони расмии Конгресс забони тоҷикӣ мебошад.

II. УЗВИЯТ

Моддаи 13. **Қабул намудан ба узвият, барканорнамоии муваққатӣ ва хориҷсозӣ**

1. Конгресс дар бораи қабул кардан ба узвият, барканорнамоии муваққатӣ ё хориҷ кардани аъзо қарор қабул мекунад.

2. Қабул намудан ба узвият мумкин аст иҷозат дода шавад, агар шахси дархосткунанда ба талаботҳои ФФТ мутобиқи Оинномаи мазкур ҷавобгӯ бошад.

3. Узвият ҳангоми истеъфо додан ё хориҷ кардан қатъ мегардад. Аз даст додани узвият аъзоро аз уҳдадориҳои молиявии ӯ дар назди ФФТ ё дигар аъзоёни ФФТ озод намекунад, балки боиси аз даст додани ҳамаи ҳуқуқҳо дар робита бо ФФТ мешавад.

4. ФФТ намояндагии ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро дар Конгресси он таъмин мекунад. Манфиатҳои футболи бонувон ҳамчунин ба таври муносиб дар Конгресс намояндагӣ карда мешаванд.

Моддаи 14. **Аъзоён**

Аъзоёни ФФТ шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба рушд ва ташвиқу тарғиби футбол дар ҳамаи шаклҳои он машғул мебошанд. Аъзоёни ФФТ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) Федератсияҳои футболи вилоятҳо, минтақаҳо ва шаҳрҳо;

б) Лигаи миллии футболи Тоҷикистон;

в) Клубҳои футболи Лигаи миллии футболи Тоҷикистон;

г) Клубхои футболи Лигаи якум;

г) Лигаи футболи бонувони;

д) Супер-лигаи футзал;

е) Клубҳои футзали Супер-лигаи футзал;

ё) Лигаи футболи кӯдакон ва наврасон.

Моддаи 15. **Қабул ба узвият**

1. Ҳар шахси ҳуқуқӣ, ки мехоҳад узви ФФТ шавад, бояд ба Котиботи генералии ФФТ ба таври хаттӣ ариза пешниҳод намояд.

2. Ариза бояд бо бандҳои ҳатмии зерин ҳамроҳӣ карда шавад:

а) нусхаи оинномаи аз нигоҳи ҳуқуқӣ боэътибор ё ҳуҷҷати конститутсионии он ва агар лозим бошад, низомнома;

б) ариза дар бораи он ки вай ҳамеша Оиннома, Низомнома ва қарорҳои ФФТ, ФИФА ва АФК-ро риоя мекунад ва таъмин менамояд, ки онҳо ҳамчунин аз ҷониби аъзоёни он, клубҳо, шахсони мансабдор ва бозигарон эҳтиром гузошта мешаванд;

в) ариза дар бораи он ки вай Қоидаҳои амалкунандаи бозӣ, ки аз ҷониби ИФАБ муқаррар карда шудаанд, инчунин Қоидаҳои футболи канорисоҳилӣ ва Қоидаҳои бозии футзалро риоя менамояд, ки аз ҷониби ФИФА муқаррар карда шудаанд;

г) ариза дар бораи он ки вай дар навбати охир (яъне пас аз тамом шудани ҳамаи каналҳои дохилии ФФТ) дар бораи ҳар гуна баҳси дорои хусусияти миллӣ, ки аз Оиннома, Низомнома, дастурҳо ва қарорҳои ФФТ бармеоянд ё бо онҳо алоқаманд мебошанд, танҳо ба суди арбитражии мустақил ва ба таври зарурӣ таъсисёфта мурочиат мекунад, ки баҳсро ҳатман ҳал мекунад, ба истиснои суди дорои юрисдиксияи умумӣ, агар ин дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман манъ карда нашуда бошад;

ғ) ариза дар бораи он ки ҳар гуна баҳси дорои хусусияти байналмилалӣ, ки аз Оиннома, Низомнома, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА ё АФК бармеоянд, мумкин аст танҳо дар навбати охир ба Суди варзишии арбитражӣ (CAS) пешниҳод карда шаванд, тавре ки дар оинномаҳои ФИФА ва АФК муқаррар карда шудааст;

д) ариза дар бораи он ки ФФТ доираи ҳуқуқи (юрисдиксияи) CAS-ро эътироф намудааст, тавре ки дар оинномаҳои ФИФА ва АФК, инчунин дар қарорҳои он муқаррар карда шудааст;

е) ариза дар бораи он ки вай [агар мутобиқи қонун талаб карда шавад] дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст ва ба қайд гирифта шудааст;

ё) ариза дар бораи он ки таркиби ҳуқуқии шахси аризадиҳанда кафолат медиҳад, ки вай метавонад новобаста аз ҳар гуна шахси ҳуқуқии берунӣ қарор қабул намояд;

ж) ариза дар бораи он ки аъзоёни мақомоти ҳуди он дар натиҷаи тартибе интихоб ё таъйин карда мешаванд, ки мустақилияти комили интихобот ё таъйинкуниро кафолат медиҳад;

з) рӯйхати шахсони мансабдор бо нишон додани шахсони дорои ҳуқуқ барои имзо кардани созишномаҳои ҳуқуқӣ бо тарафҳои сеюм;

и) нусхаи протоколи конгресс ё ҷаласаи конститутсионии он;

й) агар қобили татбиқ бошад, ариза дар бораи он ки вай барои ташкил ё иштирок дар бозиҳои дӯстона танҳо бо розигии пешакии ФФТ уҳдадор мешавад;

к) агар қобили татбиқ бошад, ариза дар бораи он ки вай ҳамаи бозиҳои расмии хонагиро дар ҳудуди ФФТ бозӣ мекунад;

Моддаи **16.** Дархост ва тартиби пешниҳод намудани ариза

1. Тартиби қабул аз рӯи қоидаҳои махсуси тасдиқнамудаи Кумитаи иҷроия ба танзим дароварда мешавад.

2. Кумитаи иҷроия бояд дар бораи қабул намудан ё рад кардани дархост ба Конгресс муроҷиат намояд. Шахси аризадиҳанда метавонад сабабҳои муроҷиати худро ба Конгресс баён намояд.

3. Пас аз қабул шудан ба узвият, аъзои нав ҳамаи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои узвиятро соҳиб мешавад. Намояндагони вай соҳиби ҳуқуқи овоздиҳӣ гардида, метавонанд интихоб карда шаванд.

Моддаи **17.** Ҳуқуқҳои аъзоён

1. Аъзоёни ФФТ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд:

   а) дар кори Конгресс иштирок кунанд, барномаи онро пешакӣ ба даст оранд, дар муҳлати муқарраршуда ба Конгресс даъват шаванд, ҳуқуқҳои худро барои иштирок дар баҳсҳо ва муҳокимаҳо, инчунин ҳуқуқи овоздиҳии худро амалӣ намоянд;

   б) пешниҳодҳоро барои дохил намудан ба барномаи Конгресс таҳия кунанд;

   в) номзадҳоро барои интихоб шудан ва/ё таъйин шудан дар ҳамаи мақомоти дахлдори ФФТ пешбарӣ намоянд;

   г) тавассути мақомоти расмии ФФТ дар бораи фаъолиятҳои он ва қарорҳои қабулнамудаи Кумитаи иҷроия хабардор карда шаванд;

   ғ) дар мусобиқаҳо (агар қобили қабул бошад) ва/ё дигар чорабиниҳои варзишии ташкилнамудаи ФФТ иштирок намоянд;

   д) ҳамаи дигар ҳуқуқҳоро дар доираи Оиннома ва муқаррароти ФФТ амалӣ кунанд.

2. Амалисозии ҳуқуқҳои мазкур тавассути дигар муқаррароти Оиннома ва қоидаҳои татбиқшавандаи ФФТ танзим карда мешавад.

Моддаи **18.** Уҳдадориҳои аъзоён

1. Аъзоёни ФФТ дорои уҳдадориҳои зерин мебошанд:
   а) Оиннома, қоидаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА, АФК, КАФА ва ФФТ-ро, ҳамеша ва пурра риоя намуда, таъмин намоянд, ки онҳо ҳамчунин аз ҷониби аъзоёнашон риоя карда шаванд;
   б) интихоби мақомоти қарорқабулкунандаи худро ҳадди ақал дар чор сол як маротиба таъмин намоянд;
   в) дар мусобиқаҳо (агар қобили қабул бошад) ва дигар чорабиниҳои варзишии ташкилнамудаи ФФТ иштирок кунанд;
   г) ҳаққи аъзогиро пардохт намоянд;
   ғ) Қоидаҳои бозӣ, ки аз ҷониби ИФАБ муқаррар карда шудаанд, инчунин Қоидаҳои футболи канорисоҳилӣ ва Қоидаҳои бозии футзал, ки аз тарафи ФИФА муқаррар карда шудаанд, риоя намуда, таъмин намоянд, ки онҳо ҳамчунин аз ҷониби аъзоёни онҳо бо таваҷҷуҳ ба муқаррароти оинномавӣ риоя карда шаванд;
   д) қабул кардани муқаррароти оинномавӣ бо муайян намудани он ки ҳар гуна баҳсҳои дорои хусусияти миллӣ, ки дар робита ба Оиннома, қоидаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФФТ ба вуҷуд меоянд, мумкин аст танҳо дар марҳилаи охирин (яъне пас

аз тамом шудани ҳамаи каналҳои дохилии ФФТ) ба CAS пешниҳод карда шаванд, ки баҳсро ҳатман ҳал мекунад, ба истиснои ҳар гуна суди дорои юрисдиксияи умумӣ, агар ин дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман манъ карда нашуда бошад;

е) қабул кардани муқаррароти оинномавӣ бо муайян намудани он ки ҳар гуна баҳсҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, ки дар робита бо Оиннома, қоидаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА ё АФК ба вуҷуд меоянд, мумкин аст танҳо дар марҳилаи охирин ба CAS пешниҳод карда шаванд, тавре ки дар оинномаҳои ФИФА ва АФК зикр карда шудааст;

ё) корҳои худро мустақилона идора кунанд ва таъмин намоянд, ки корҳои онҳо мутобиқи моддаи 22-и Оинномаи мазкур таҳти таъсири ҳар гуна тарафи сеюм қарор надошта бошанд;

ж) таъмин намоянд, ки мақомоти онҳо мувофиқи тартибе интихоб ё таъйин карда шаванд, ки мустақилияти комили интихобот ё таъйин карданро кафолат медиҳад;

з) ба ФФТ дар бораи ҳар гуна тағйирот ба Оиннома ва қоидаҳои онҳо, инчунин рӯйхати шахсони мансабдори онҳо хабар диҳанд, ки барои имзо намудани созишномаҳои аз ҷиҳати қонунӣ ҳатмӣ бо тарафҳои сеюм ҳуқуқ доранд;

и) бо субъектҳои эътирофнашуда ё бо аъзоёне, ки фаъолияташон боздошта шудааст ё хориҷ карда шудаанд, муносибатҳои дорои хусусияти варзишӣ надошта бошанд;

й) принсипҳои садоқат, поквиҷдонӣ ва рафтори хуби варзиширо ҳамчун ифодаи бозии одилона тавассути муқаррароти оинномавӣ риоя намоянд;

к) талаботҳои ҳатмии дар моддаи 15, банди 2-и Оинномаи мазкур пешбинишударо дар тӯли давраи узвияти худ риоя намоянд;

қ) феҳристи аъзоёнро идора кунанд, ки мунтазам таҷдид карда мешавад;

л) оинномаҳоеро ба тасвиб расонанд, ки ба талаботҳои Оинномаи ФФТ мувофиқ мебошанд;

м) ҳамаи уҳдадориҳои дигарро пурра риоя намоянд, ки аз Оиннома ва дигар қоидаҳои ФИФА, АФК ва ФФТ бармеоянд.

2 Вайрон кардани уҳдадориҳои дар боло зикршуда аз ҷониби ҳар аъзо метавонад боиси гузоштани таҳримҳо (санксия) шаванд, ки дар Оинномаи мазкур пешбинӣ карда шудаанд.

3 Вайрон кардани банди 1 ё)-и боло ҳамчунин метавонад боиси гузоштани таҳримҳо шавад, ҳатто агар таъсири тарафи сеюм бо айби аъзои дахлдор сурат нагирифта бошад. Ҳар аъзо дар назди ФФТ барои ҳар ва ҳамаи амалҳои аъзоёни мақомоти худ масъул мебошад, ки дар натиҷаи беэҳтиётии дағалона ё рафтори номуносиби барқасд анҷом дода шудаанд.

Моддаи **19.** **Барканорнамоии муваққатӣ**

1. Конгресс барои барканорнамоии муваққатии аъзо масъул мебошад. Бо вуҷуди ин, Кумитаи иҷроия метавонад аъзоеро муваққатан барканор намояд, ки уҳдадориҳои худро ба таври ҷиддӣ ва/ё такроран вайрон мекунад. Барканорнамоии муваққатӣ, ки аз ҷониби Кумитаи иҷроия тасдиқ карда шудааст, то баргузор гардидани Конгресси навбатӣ амал мекунад, агар Кумитаи иҷроия чунин барканорнамоии муваққатиро то ин вақт бекор накарда бошад.

2. Барканорнамоии муваққатии аъзо аз ҷониби Конгресс ё Кумитаи иҷроия дар Конгресси навбатӣ бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овозҳои боэътибор тасдиқ карда мешавад. Агар

чунин барканорнамоии муваққатӣ тасдиқ карда нашавад, он ба таври автоматӣ бекор карда мешавад.

3. Аъзои муваққатан барканоршуда, ҳуқуқҳои аъзогии худро аз даст медиҳад. Аъзоёни дигар наметавонанд муносибатҳо ва алоқаҳои варзишии худро бо аъзои барканоршуда ҳифз намоянд. Кумита оид ба интизом ва ахлоқ метавонад таҳримҳои иловагиро татбиқ намояд.

4. Аъзоёне, ки дар фаъолиятҳои варзишии ФФТ дар тӯли ду сол пай дар пай иштирок намекунанд, аз ҳуқуқи овоз додан дар Конгресс маҳрум мешаванд ва намояндагони онҳо наметавонанд интихоб ё таъйин карда шаванд, то замоне, ки онҳо уҳдадориҳои худро дар ин замина иҷро накунанд.

Моддаи 20. Хориҷсозӣ

1. Конгресс метавонад аъзоро хориҷ кунад, агар он Оиннома, қоидаҳо, дастурҳо ё қарорҳои ФИФА, АФК ва ФФТ-ро ба таври ҷиддӣ ва такроран вайрон намояд.

2. Пешниҳод дар бораи хориҷ кардан бояд бо аз чор се ҳиссаи овозҳои боэътибор қабул карда шавад.

Моддаи 21. Баромадан аз узвият

1. Аъзо метавонад аз узвияти ФФТ аз охири соли тақвимӣ хориҷ шавад. Огоҳинома дар бораи баромадан аз узвият бояд на дертар аз се моҳ то охири соли тақвимӣ ба Котиботи генералӣ пешниҳод карда шавад.

2. Баромадан аз узвият эътибор надорад, то замоне, ки аъзои истеъфодиҳанда уҳдадориҳои молиявии худро дар назди ФФТ ва аъзоёни дигари он иҷро накунад.

Моддаи 22. Мустақилияти аъзоён ва мақомоти онҳо

1. Ҳар аъзо корҳои худро мустақилона ва бидуни таъсири номуносиби тарафҳои сеюм идора мекунад.

2. Мақомоти аъзоён интихоб ё таъйин карда мешаванд. Оинномаҳои аъзоён тартиботи демократиро пешбинӣ менамояд, ки мустақилият ва беғаразии раванди интихобот ё таъйин карданро кафолат медиҳанд.

3. Ҳар мақомоти аъзоён, ки мутобиқи муқаррароти банди 2-и боло интихоб ё таъйин карда нашудаанд, ҳатто ба таври муваққатӣ, аз ҷониби ФФТ эътироф карда намешаванд.

4. Қарорҳои қабулнамудани мақомоте, ки мутобиқи банди 2-и боло интихоб ё таъйин карда нашудаанд, онҳо аз ҷониби ФФТ эътироф карда намешавад.

Моддаи 23. Мақоми клубҳо, лигаҳо, федератсияҳои минтақавӣ ва дигар гурӯҳи клубҳо

1. Клубҳо, лигаҳо, федератсияҳои минтақавӣ ё ҳар гуна гурӯҳҳои дигари клубҳои вобаста ба ФФТ ба ФФТ тобеъ мебошанд ва аз ҷониби ФФТ эътироф карда мешаванд. Дар ҳудуди Тоҷикистон танҳо як лигаи олии миллӣ вуҷуд дорад.

2. Оинномаи мазкур доираи салоҳият ва ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои дар банди 1-и боло зикршударо муайян мекунад. Оинномаҳо ва қоидаҳои онҳо бояд ба талаботҳо ва уҳдадориҳои Оиннома ва қоидаҳои ФФТ мувофиқ бошанд. ФФТ барои танзими масъалаҳои вобаста ба доварӣ, мубориза бо допинг, бақайдгирии бозигарон, иҷозатномадиҳии клубҳо, татбиқи чорабиниҳои интизомӣ, аз ҷумла барои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ, инчунин чорабиниҳои зарурӣ ҷиҳати ҳифзи одилона будани мусобиқаҳо, аз ҷумла мубориза бо бозиҳое, ки натиҷаҳои онҳо пешакӣ муайян карда шудаанд (match-fixing), масъулияти асосиро бар дӯш дорад.

3. Субъектҳое, ки дар банди 1-и боло зикр карда шудаанд, ҳамаи қарорҳоро дар бораи ҳар гуна масъалаҳои вобаста ба узвияти онҳо ба таври мустақилона аз ҳар гуна мақоми берунӣ қабул мекунанд. Ин уҳдадорӣ новобаста аз сохтори корпоративии онҳо татбиқ карда мешавад.

4. Дар ҳар сурат, ҳеҷ шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (аз ҷумла ширкатҳои холдингӣ ва филиалҳо) наметавонад бештар аз як клуб ё гурӯҳи клубҳоро назорат кунад, вақте ки беғаразии ҳар бозӣ ё мусобиқа мумкин аст зери хатар гузошта шавад.

III. ПРЕЗИДЕНТИ ФАХРӢ ВА АЪЗОИ ФАХРӢ

Моддаи 24. Президенти фахрӣ ва аъзои фахрӣ

1. Конгресс метавонад ҳар шахсро барои хидмати шоиста дар рушди футбол бо унвони президенти фахрӣ ё аъзои фахрӣ сарфароз гардонад.

2. Кумитаи иҷроия номзадҳоро ба ин унвон пешниҳод менамояд.

3. Президенти фахрӣ ё аъзои фахрӣ метавонад дар Конгресс иштирок намояд. Онҳо метавонанд дар муҳокимаҳо иштирок кунанд, вале ҳуқуқи овозро надоранд.

IV. СОЗМОН

Моддаи 25. Мақомот

1. Конгресс мақоми олӣ ва қонунгузор мебошад.

2. Кумитаи иҷроия мақоми стратегӣ ва назоратӣ мебошад.

3. Котиботи генералӣ мақоми иҷроия, амалиётӣ ва маъмурӣ мебошад.

4. Кумитаҳои доимӣ ва махсус ба Кумитаи иҷроия ва Котиботи генералӣ дар иҷрои уҳдадориҳои онҳо машварат медиҳанд ва кӯмак мерасонанд.

5. Мақомоти иҷозатномадиҳандаи клубҳо барои низоми иҷозатномадиҳии клубҳо дар чорчӯби ФФТ масъул мебошанд.

6. Кумитаҳои мустақил вазифаҳои худро мутобиқи Оинномаи мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда иҷро мекунанд. Кумитаҳои мустақил Кумитаи аудит, кумитаҳои интихобот ва мақомоти ҳуқуқӣ мебошанд.

7. Мақомоти ҳукукӣ Кумита оид ба интизом ва ахлоқ ва Кумитаи аппеллятсионӣ мебошанд.

8. Мақомот аз ҷониби худи ФФТ бидуни ҳар гуна таъсири берунии номуносиб ва мутобиқи тартиботи дар Оинномаи мазкур зикршуда интихоб ё таъйин карда мешаванд. Аъзоёни мақомот набояд пештар дар содир намудани ҳар гуна ҷиноят маҳкум шуда бошанд, ки ба вазифаи ишғолнамуда номувофиқ мебошад.

9. Ҳар аъзои мақомот бояд аз иштирок дар муҳокима ва қабул кардани қарор даст кашад, агар хавф ё эҳтимолияти барҳӯрди манфиатҳо вуҷуд дошта бошад. Аз ҷумла, аъзоёни мақомот бояд ҳамеша дар бораи муқаррароти дахлдори Кодекси ахлоқи ФИФА оид ба барҳӯрди манфиатҳо огоҳ бошанд, онҳоро риоя кунанд ва дар сурати зарурат рафтори худро ислоҳ намоянд (яъне, аз иҷрои уҳдадориҳои худ худдорӣ кунанд, дар ҳолатҳои барҳӯрди эҳтимолии манфиатҳо раисро огоҳ намоянд ва ғайра).

Моддаи 26. Аз вазифа озод кардани аъзои мақом

1. Конгресс метавонад аъзои мақомро аз вазифа озод кунад. Кумитаи иҷроия ҳамчунин метавонад аъзои мақомро муваққатан аз вазифа озод намояд, ба истиснои аъзоёни кумитаҳои мустақил. Қарор дар бораи муваққатан озод намудан аз вазифа, ки аз ҷониби Кумитаи иҷроия тасдиқ карда шудааст, дар Конгресси оянда тасдиқ карда мешавад, агар Кумитаи иҷроия дар ин муддат онро бекор накарда бошад. Агар Конгресси оянда хусусияти интихобӣ дошта бошад, аъзои аз вазифа озодшуда ба таври шартӣ вобаста ба қарори ниҳоии Конгресс дар бораи аз вазифа озод кардани ӯ, ки пеш аз интихобот қабул карда мешавад, метавонад номзади интихобшаванда бошад (ба шарте, ки ӯ ба меъёрҳои мувофиқат ва қобили қабул будан ҷавобгӯ бошад).

2. Пешниҳод дар бораи озод кардан аз вазифа бояд асосдор бошад ва ба аъзоёни Кумитаи иҷроия ва/ё аъзоёни ФФТ якҷо бо барномаи дахлдор ирсол карда шавад.

3. Аъзои мақоми дахлдор ҳуқуқ дорад худро дар назди Кумитаи иҷроия ва/ё Конгресс ҳимоя кунад.

4. Пешниҳод дар бораи озод кардан аз вазифа бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ дар Кумитаи иҷроия ва/ё Конгресс қабул карда мешавад. Барои қабул кардани пешниҳод аз се ду ҳиссаи овозҳои боэътибор талаб карда мешавад.

5. Аъзои аз вазифа озодшуда (ба таври муваққатӣ ё доимӣ) фавран аз иҷрои уҳдадориҳои худ озод карда мешавад.

А. КОНГРЕСС

Моддаи 27. Таъриф ва ҳайат

1. Конгресс ҷаласае мебошад, ки дар он ҳамаи аъзоён мунтазам ҷамъ меоянд. Он мақоми олӣ ва қонунгузори ФФТ мебошад. Танҳо Конгрессе, ки бо тартиби муқарраршуда даъват карда мешавад, салоҳияти қабул кардани қарорҳоро дорад. Конгресс мумкин аст бо ҳузури шахсӣ ё аз тариқи видеоконфронс баргузор шавад.

2. Конгресс мутобиқи принсипҳои демократияи намояндагӣ ташкил карда шуда, аҳамияти баробарии гендерӣ дар футбол, манфиатҳои футболи бонувон ва намояндагии ҷонибҳои манфиатдорро дар футбол дар назар мегирад.

3. Конгресс метавонад навбатӣ ё ғайринавбатӣ бошад.

4. Президент Конгрессро мутобиқи Оинномаи мазкур, Низомномаи Конгресс ва ҳамчунин ҳар гуна қоидаҳои дахлдор раисӣ мекунад.

5. Кумитаи иҷроия метавонад нозиронеро таъйин кунад, ки дар кори Конгресс бидуни ҳуқуқи муҳокима ё овоздиҳӣ иштирок мекунанд.

Моддаи **28.** **Вакилон ва овозҳо**

1. Конгресс аз 35 вакил иборат аст. Шумораи вакилон ба таври зерин таксим карда мешавад:

а) Барои Федератсияи футболи шаҳри Душанбе як вакил бо як овоз;

б) Барои Федератсияи футболи вилояти Суғд як вакил бо як овоз;

в) Барои Федератсияи футболи вилояти Хатлон як вакил бо як овоз;

г) Барои Федератсияи футболи ВМКБ як вакил бо як овоз;

ғ) Барои Федератсияи футболи минтақаи Кӯлоб як вакил бо як овоз;

д) Барои Федератсияи футболи минтақаи Рашт як вакил бо як овоз;

е) Барои Лигаи миллии футбол як вакил бо як овоз;

ё) Барои ҳар клуби Лигаи олии миллии футбол (10 клуб) як вакил бо як хукуки овоздихи;

ж) Барои ҳар клуби лигаи якуми миллии футбол (12 клуб) як вакил бо як хукуки овоздихи;

з) Барои Лигаи футболи бонувон як вакил бояк хукуки овоздихи;

и) Барои Супер-лигаи футзал як вакил бо як хукуки овоздихи;

й) Барои хар се клуби бехтарини Супер-лигаи футзал дар чадвал дар охири мавсими гузашта як вакил бо як хукуки овоздихи;

к) Барои Лигаи футболи кӯдакон ва наврасон як вакил бо як хукуки овозди.

2. Вакилон бояд ба аъзое тааллуқ дошта бошанд, ки онро онҳо намояндагӣ мекунанд ва аз ҷониби мақоми дахлдори ин аъзо таъйин ё интихоб карда мешаванд. Онҳо ҳамчунин бояд тавонанд, ки далелҳои инро аз рӯи дархост пешниҳод кунанд.

3. Хар вакил дар Конгресс як овоз дорад. Танҳо вакилони ҳузурдошта ҳуқуқ доранд, ки овоз диҳанд. Овоздиҳӣ тавассути ваколатнома ё мактуб иҷозат дода намешавад. Иштирок аз тариқи видеоконфронс ҳузурро ифода мекунад. Вақте ки Конгресс аз тариқи видеоконфронс баргузор карда мешавад, овоздиҳии онлайн иҷозат дода мешавад.

4. Аъзоёни Кумитаи иҷроия ва Котиби генералӣ дар Конгресс бидуни ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок мекунанд. Аъзоёни Кумитаи иҷроия дар тӯли давраи ваколати худ наметавонанд ба Конгресс ҳамчун вакилон таъйин карда шаванд.

Моддаи 29. Соҳаҳои ваколат

Конгресс дорои ваколатҳои зерин мебошад:

а) қабул ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур ва Низомномаи Конгресс;

б) таъйин кардани се аъзо барои тафтиш намудани протокол ва тасдиқи протоколи ҷаласаи охирин;

в) интихоб намудани президент, ноибони президент ва аъзоёни Кумитаи иҷроия;

г) интихоб намудани раисон, муовинони раисон ва аъзоёни кумитаҳои мустақил (яъне Кумитаи аудит ва мувофиқат, кумитаҳои интихобот ва мақомоти ҳуқуқӣ) бо пешниҳоди Кумитаи иҷроия;

ғ) таъйин кардани нозирон барои ҳисоб кардани овозҳо ва расонидани кӯмак ба Котиби генералӣ дар тақсим намудани бюллетенҳои интихоботӣ, ки барои интихобот дода шудаанд;

д) тасдиқ намудани ҳисоботи молиявии солона, аз ҷумла ҳисоботи ҷамъбасти молиявӣ ва ҳисоботи солона;

е) тасдиқ намудани буҷет;

ё) тасдиқ кардани ҳисоботи фаъолият (дар бораи фаъолиятҳои ФФТ барои давраи аз Конгресси охирин);

ж) таъйин намудани аудиторҳои мустақил ва берунӣ аз рӯи пешниҳоди Кумитаи иҷроия;

з) муқаррар намудани ҳаққи аъзогӣ бо пешниҳоди Кумитаи иҷроия;

и) сарфароз гардонидан бо унвони президенти фахрӣ ё аъзои фахрӣ бо пешниҳоди Кумитаи иҷроия;

й) қабул, барканорнамоии муваққатӣ ё хориҷ кардани аъзо;

к) аз вазифа озод кардани аъзои ФФТ;

қ) барҳам додани ФФТ;

л) қабул кардани қарорҳо аз рӯи дархости аъзо мутобиқи Оинномаи мазкур ё қабул кардани ҳар гуна қароре, ки мутобиқи Оинномаи мазкур бар дӯши Конгресс вогузор карда шудааст;

Моддаи 30. Кворум

1. Қарорҳои қабулкардаи Конгресс танҳо дар сурати ҳузур доштани аксарияти (бештар аз 50%) вакилон эътибор доранд, ки аъзоёни дорои ҳуқуқи овоздиҳиро намояндагӣ мекунанд.

2. Агар кворум ба даст наояд, Конгресси дуюм дар тӯли 24 соат бо ҳамон як барнома баргузор карда мешавад.

3. Кворум барои гузаронидани ҷаласаи дуюми Конгресс талаб карда намешавад, агар банди барнома ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур, интихоби президент,

ноиби президент ё аъзоёни Кумитаи иҷроия, интихоби раисон, муовинони раисон ё аъзоёни кумитаҳои мустақил, аз вазифа озод кардани аъзои мақом, барканорнамоии муваққатӣ ё хориҷ кардани аъзо ё барҳам додани ФФТ-ро пешбинӣ нанамояд.

4. Вақте эълон карда мешавад, ки Конгресс мутобиқи Оинномаи мазкур даъват ва ташкил карда шудааст, кворум аз рафтани вакилон вобаста намебошад.

Моддаи 31. Қарорҳо

1. Қароре, ки овоздиҳиро талаб мекунад, бо бардоштани дастон ё тавассути ҳисобкунии электронӣ қабул карда мешавад, агар Конгресс тартиби дигареро муқаррар накарда бошад. Агар бардоштани дастон ба аксарияти овозҳо барои тарафдории пешниҳод оварда нарасонад, овоздиҳӣ бо тартиби алифбо гузаронида мешавад.

2. Агар дар Оинномаи мазкур тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, барои боэътибор донистани қарор, аксарияти (бештар аз 50%) овозҳои боэътибор кофӣ мебошад. Бюллетенҳои холии интихобот, овозҳои беэътибор ё овозҳои электронӣ, ки бо ҳар роҳ сохтакорӣ (манипулятсия) карда шудаанд, инчунин ҳолатҳои худдорӣ аз овоздиҳӣ[1] ҳангоми ҳисоб кардани аксарияти овозҳо дар назар гирифта намешаванд.

Моддаи 32. Интихобот

1. Интихобот бо овоздиҳии пинҳонӣ гузаронда мешавад. Конгресси интихобӣ танҳо бо ҳузури шахсӣ гузаронида мешавад.

2. Интихоботи шахсони мансабдор дар Конгресс аз рӯи вазифа мутобиқи Кодекси интихоботи ФФТ гузаронида шуда, аз ҷониби Кумитаи интихобот назорат карда мешавад.

3. Интихобот барои ишғол кардани вазифаҳо дар Кумитаи иҷроия аз руи вазифа сурат мегирад. Ҳадди ақал як вазифа барои номзади зан гузошта мешавад. Ҳар номзад дар интихобот барои ишғоли вазифаҳо дар Кумитаи иҷроия аз ҷониби на камтар аз ду аъзо пешниҳод карда мешавад. Ҳар аъзо танҳо як номзадро барои ҳар вазифаи пешниҳодшуда дастгирӣ мекунад. Агар аъзо бештар аз як номзадро дастгирӣ кунад, ҳеҷ кадоме аз изҳороти дастгирии ӯ боэътибор дониста намешавад.

4. Барои интихоби Президент, барои ҳар гуна вазифаҳои ноибони президент ва аъзои зан, аксарияти (бештар аз 50%) овозҳои боэътибор зарур аст. Агар бештар аз ду номзад ба мансаби Президент, ҳар вазифаи ноибони президент ё вазифаи аъзои зан вуҷуд дошта бошад, ҳар шахсе, ки шумораи камтарини овозҳоро ба даст овардааст, пас аз ҳар овоздиҳӣ то боқӣ мондани ду номзад аз интихобот хориҷ карда мешавад. Агар номзад барои ин вазифа рақиб надошта бошад, вай мумкин аст бо нишон додани кортҳо ё аз тариқи аккламатсия интихоб карда шавад.

5. Барои интихоб намудани дигар аъзоёни Кумитаи иҷроия, номзад(ҳо)е интихоб карда мешавад, ки нисбат ба ҷой(ҳо)и холӣ шумораи бештари овозҳоро ба даст меорад.

6. Барои интихоби раисон, муовинони раисон ва аъзоёни кумитаҳои мустақил (яъне, Кумитаи аудит, кумитаҳои интихобот ва мақомоти ҳуқуқӣ), номзад(ҳо)е интихоб карда мешавад, ки нисбат ба ҷой(ҳо)и холӣ шумораи бештари овозҳоро ба даст меорад.

[1] Федератсия ҳамчунин метавонад тасмим гирад, ки ҳангоми ҳисоб кардани аксарияти овозҳо бетарафонро дар назар гирад.

7. Дар сурати баробар будани шумораи овозҳо дар интихоботи ҳар мақом, мувофиқи тартиби дар ҳамин модда пешбинишуда ду овоздиҳии нав гузаронида мешавад. Дар сурати боқӣ мондани шумораи баробари овозҳо, вазифаи дахлдор то даъват шудани Конгресси нави интихобӣ барои гузаронидани интихоботи нав мутобиқи Оинномаи мазкур холӣ мемонад.

8. Бюллетенҳои холии интихобот, овозҳои беэътибор ё овозҳои электронӣ, ки бо ҳар роҳ сохтакорӣ (манипулятсия) карда шудаанд, инчунин ҳолатҳои худдорӣ аз овоздиҳӣ[2] ҳангоми ҳисоб кардани аксарияти овозҳо дар назар гирифта намешаванд.

9. Номзадҳо ба ҳар вазифаҳои Кумитаи иҷроия ҳадди ақал 30 рӯз пеш аз Конгресси дахлдори интихобӣ ба Котиботи генералӣ фиристода мешаванд. Рӯйхати расмии номзадҳо бояд ба аъзоёни ФФТ ҳадди ақал 10 рӯз пеш аз Конгресс пешниҳод карда шавад, ки дар он Кумитаи иҷроия интихоб карда мешавад. Муқаррароти ин банд ҳамчунин ҳангоми интихобот дар Конгресси ғайринавбатӣ татбиқ карда мешаванд.

10. Номзадҳо ба ҳар вазифаҳои кумитаҳои мустақил (яъне Кумитаи аудит, кумитаҳои интихоботӣ ва мақомоти ҳуқуқӣ) бояд ба аъзоёни ФФТ ҳадди ақал 10 рӯз пеш аз Конгресс пешниҳод карда шаванд, ки дар он аъзоёни дахлдор интихоб карда мешаванд.

Моддаи 33. **Конгресси навбатӣ**

1. Конгресси навбатӣ ҳар сол баргузор мешавад.

2. Кумитаи иҷроия макон ва санаи баргузории Конгресси навбатиро муайян мекунад. Аъзоён ба таври хаттӣ ҳадди ақал 45 рӯз пеш огоҳ карда мешаванд.

3. Ҳар пешниҳоде, ки аъзо мехоҳад ба Конгресс пешкаш кунад, ҳадди ақал 30 рӯз пеш аз санаи баргузории Конгресс ба Котиботи генералӣ бо шарҳи мухтасари хаттӣ фиристода мешавад.

4. Даъвати расмӣ ба таври хаттӣ ҳадди ақал 10 рӯз пеш аз санаи баргузории Конгресс анҷом дода мешавад. Ин даъват бояд барнома, ҳисобот дар бораи фаъолият, ҳисоботҳои молиявӣ, ҳисоботи аудиторҳои мустақил ва берунӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла рӯйхати расмии номзадҳоро (агар зарур бошад) дар бар гирад.

Моддаи 34. **Барномаи Конгресси навбатӣ**

1. Котиби генералӣ барномаро бар асоси пешниҳодҳои Кумитаи иҷроия ва аъзоён тартиб медиҳад.

2. Барномаи Конгресс бандҳои зерини ҳатмиро дар бар мегирад (бо тартиби хронологӣ):

а) изҳорот дар бораи он ки Конгресс мутобиқи Оинномаи мазкур даъват ва ташкил карда шудааст;

б) тасдиқи барнома;

в) суханронии Президент;

г) таъйин намудани аъзоён барои тафтиши протоколи ҷаласа;

ғ) таъйин намудани нозирон;

[2] Федератсия ҳамчунин метавонад тасмим гирад, ки ҳангоми ҳисоб кардани аксарияти овозҳо бетарафонро дар назар гирад.

д) барканорнамоии муваққатӣ ё хориҷ кардани аъзоён (агар қобили татбиқ бошад);

е) тасдиқ кардани протоколи Конгресси қаблӣ[3];

ё) ҳисобот дар бораи фаъолият (дар бораи фаъолиятҳое, ки аз давраи Конгресси охирин анҷом дода шудаанд);

ж) пешниҳоди тавозуни ҷамъбастӣ ва аз бознигаришуда ва ҳисобот дар бораи фоида ва зарар, инчунин ҳисоботи аудиторҳои мустақил ва берунӣ;

з) тасдиқи ҳисоботҳои молиявии санҷидашуда;

и) тасдиқ намудани буҷет;

й) овоздиҳӣ аз рӯи пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо Оинномаи мазкур ва Низомномаи Конгресс (агар лозим бошад);

к) муҳокимаи пешниҳодҳое, ки аз ҷониби аъзоён ва Кумитаи иҷроия мутобиқи тартиби пешбининамудаи моддаи 31, банди 3-и Оинномаи мазкур пешкаш карда шудаанд;

қ) бо пешниҳоди Кумитаи иҷроия таъйин намудани аудиторҳои мустақил ва берунӣ (агар лозим бошад);

л) аз вазифа озод кардани аъзои мақоми ФФТ (агар лозим бошад);

м) интихоби Президент, ноиби якум, ноибони Президент ва аъзоёни Кумитаи иҷроия (агар лозим бошад);

н) интихоботи аъзоёни кумитаҳои мустақил, яъне Кумитаи аудит, кумитаҳои интихобот ва мақомоти ҳуқуқӣ (агар лозим бошад) бо пешниҳоди Кумитаи иҷроия;

о) қабул намудан ба узвият (агар лозим бошад).

3. Конгресс аз рӯи ягон банди ба барнома дохилнашуда қарор қабул намекунад.

4. Барномаи Конгресси навбатӣ мумкин аст тағйир дода шавад, ба шарте ки бештар аз 50% вакилоне ба чунин пешниҳод розӣ бошанд, ки аъзоёни дар Конгресс ҳузурдоштаро намояндагӣ мекунанд ва ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд.

Моддаи 35. Конгресси ғайринавбатӣ

1. Кумитаи иҷроия ҳар вақт метавонад Конгресси ғайринавбатиро даъват намояд.

2. Кумитаи иҷроия Конгресси ғайринавбатиро даъват менамояд, агар аксарияти (бештар аз 50%) вакилони намояндагикунандаи аъзоёни ФФТ бо чунин дархост ба таври хаттӣ муроҷиат кунанд. Дар дархост бандҳое мушаххас карда мешаванд, ки бояд ба барномаи Конгресс дохил карда шаванд. Конгресси ғайринавбатӣ дар тӯли 90 рӯз аз лаҳзаи қабул намудани дархост баргузор карда мешавад. Агар Конгресси ғайринавбатӣ даъват карда нашавад, вакилони намояндагикунандаи аъзоёне, ки онро дархост намудаанд, метавонанд худашон Конгрессро даъват намоянд. Дар ин сурат, онҳо ҳамаи аъзоёни ФФТ ва Кумитаи иҷроияро дар бораи сана ва макони баргузории Конгресси ғайринавбатӣ якҷо бо бандҳое огоҳ менамоянд, ки мувофиқи банди 3-и поён ба барнома дохил карда мешаванд.

[3] Федератсия ҳамчунин метавонад тасмим гирад, ки механизми дигарро барои тасдиқи протоколҳои Конгресси қаблӣ қабул кунад, масалан, протокол фавран пас аз Конгресс ба аъзоён фиристода мешавад ва агар дар тӯли шумораи муайяни рӯзҳо пас аз фиристодани он ба аъзоён эътироз пешниҳод нашавад, протокол тасдиқшуда ҳисобида мешавад. (Дар сурати гирифтани эътироз, протокол ба барномаи Конгресси оянда барои баррасӣ дохил карда мешавад.) Агар ин тавр бошад, моддаи 32, банди 2 е) ва моддаи 35-и Оинномаи мазкур бояд мувофиқан ислоҳ карда шаванд.

3. Аъзоён ҳадди ақал 15 рӯз пеш аз санаи баргузории Конгресси ғайринавбатӣ дар бораи сана ва макони баргузории Конгресс хабардор карда мешаванд.

4. Вақте ки Конгресси ғайринавбатӣ бо ташаббуси Кумитаи иҷроия (бештар аз 50%) даъват карда мешавад, он бояд барномаи Конгресси ғайринавбатиро таҳия намояд. Вақте ки Конгресси ғайринавбатӣ бо дархости аъзоён даъват карда мешавад, барнома бояд бандҳоеро дар бар гирад, ки аз ҷониби ин аъзоён пешниҳод карда шудаанд.

5. Барномаи Конгресси ғайринавбатӣ набояд тағйир дода шавад.

Моддаи 36. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оиннома ва Низомномаи Конгресс

1. Конгресс барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оиннома ва Низомномаи Конгресс масъул мебошад.

2. Ҳар гуна пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур ва Низомномаи Конгресс бояд дар шакли хаттӣ бо шарҳи мухтасар ба Котиботи генералӣ аз ҷониби аъзо ё Кумитаи иҷроия пешниҳод карда шаванд. Пешниҳоде, ки аз ҷониби вакилони намояндагикунандаи аъзо пешкаш карда шудааст, боэътибор мебошад, ба шарте ки он дар шакли хаттӣ аз ҷониби ҳадди ақал 10 вакили дигари намояндагикунандаи аъзоён дастгирӣ карда шуда бошад.

3. Пешниҳод дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур ва Низомномаи Конгресс танҳо дар сурате қабул карда мешавад, ки агар аксарияти 2/3 вакилони намояндагикунандаии аъзоёни ҳузурдошта ва дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ ба он розӣ бошанд.

4. ФФТ ба ФИФА ва АФК дар бораи ворид намудани ҳар гуна тағйироту иловаҳо ба Оиннома ва Низомномаи Конгресси худ хабар медиҳад, ки дар сурати зарурат ба забони умумии расмии ФИФА ва АФК тарҷума карда мешаванд.

Моддаи 37. Протоколи ҷаласа

Котиби генералӣ барои протоколи ҷаласа дар Конгресс масъул мебошад. Протоколи ҷаласа аз ҷониби аъзоёни таъиншуда тафтиш карда шуда, ниҳоят дар Конгресси оянда тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 38. Санаи эътибори қонунӣ пайдо намудани қарорҳо

Қарорҳои қабулкардаи Конгресс фавран пас аз ба охир расидани Конгресс эътибори қонунӣ пайдо мекунанд, агар дар Оинномаи мазкур тартиби дигаре пешбини нашуда бошад ё агар Конгресс санаи дигари эътибори қонунӣ пайдо кардани қарорро муқаррар накунад.

Б. Кумитаи иҷроия

Моддаи 39. Ҳайат

1. Кумитаи иҷроия аз 17 аъзо иборат мебошад:

а) як Президент;

б) ноиби якуми Президент

в) ноибони Президент;

г) як аъзои зан;

ғ) 12 аъзо.

2. Президент, ноиби якум, ноибони Президент ва дигар аъзоёни Кумитаи иҷроия аз ҷониби Конгресс мутобиқи моддаи 32-и ин Оинномаи мазкур интихоб карда мешаванд. Онҳо пеш аз интихоб ё аз нав интихоб шуданашон аз санҷиши садоқатмандӣ мегузаранд, ки аз ҷониби Кумитаи аудит гузаронида мешавад.

3. Мандати президент, ноибони Президент ва аъзоёни Кумитаи иҷроия чор сол аст. Мандатҳои онҳо фавран пас аз ба охир расидани Конгресс оғоз мешавад, ки онҳоро интихоб кардааст ва мандат дар охири Конгресс ба охир мерасад, ки дар он ворисони онҳо интихоб карда мешаванд. Ҳеҷ шахс наметавонад бештар аз се муҳлат вазифаи Президентро ишғол намояд (хоҳ пай дар пай бошад ё набошад). Муҳлати ваколати ҳамаи аъзоёни дигари (аз ҷумла ҳар ноиби Президент) Кумитаи иҷроия наметавонад бештар аз се муҳлатро (хоҳ пай дар пай бошад ё набошад) ташкил диҳад. Ҳар муҳлати ваколати қисман ҳамчун муҳлати ваколати пурра ҳисоб карда мешавад.

4. Ҳамаи аъзоёни Кумитаи иҷроия аллакай дар футбол ба таври фаъол машғул мебошанд.

5. Аъзои Кумитаи иҷроия наметавонад ҳамзамон аъзои кумитаи мустақил бошад ва наметавонад ҳамчун вакили намояндагикунандаи аъзо дар Конгресс таъйин/интихоб карда шавад.

6. Агар вазифа ё то 50 фоизи вазифаҳои Кумитаи иҷроия холӣ шаванд, Кумитаи иҷроия вазифаҳои дахлдорро то Конгресси оянда пур менамояд, вақте ки шахс(он)и дигар ба вазифа(ҳо) барои давраи боқимондаи ваколат интихоб карда мешавад.

7. Агар бештар аз 50 фоизи вазифаҳои Кумитаи иҷроия холӣ шаванд, Котиби генералӣ дар муҳлати муқарраршуда Конгресси ғайринавбатиро даъват менамояд.

8. Дар сурати фавт, истеъфо додан ё барои аъзои мавриди назар ба таври доимӣ чиҳати иҷрои вазифаҳои хидматиаш монеа эҷод шавад, ҳар вазифа дар Кумитаи иҷроия холӣ ҳисобида мешавад.

Моддаи **40.** Ҷаласаҳои Кумитаи иҷроия

1. Кумитаи иҷроия ҳадди ақал чор маротиба дар як сол ҷаласа баргузор менамояд. Ҷаласаи Кумитаи иҷроия мумкин аст бо ҳузури шахсӣ ё аз тариқи видеоконфронс гузаронида шавад.

2. Президент ҷаласаҳои Кумитаи иҷроияро даъват мекунад. Агар аксарияти (бештар аз 50 фоизи) аъзоёни Кумитаи иҷроия барои гузаронидани ҷаласа дархост пешниҳод намоянд, Президент ҷаласаро тавре даъват менамояд, ки он дар тӯли 14 рӯз пас аз гирифтани дархост гузаронида шавад. Агар Президент ҷаласаи дархостшударо дар муҳлати дар боло зикршуда даъват накунад, дигар аъзоёни Кумитаи иҷроия онро худашон даъват мекунанд, вале барномаи ҷаласаро бояд ҳадди ақал се рӯз пеш аз баргузории ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни Кумитаи иҷроия мутобиқи банди 3-и поён ирсол намоянд.

3. Котиби генералӣ барномаи ҷаласаро тартиб медиҳад. Ҳар аъзои Кумитаи иҷроия ҳуқуқ дорад, ки бандҳоеро барои дохил намудан ба барномаи ҷаласа пешниҳод намояд. Аъзоёни

Кумитаи иҷроия бояд бандҳое, ки мехоҳанд ба барномаи ҷаласа дохил карда шаванд, ҳадди ақал аз ҳафт (7) рӯз пеш аз баргузории ҷаласа ба Котиботи генералӣ пешниҳод намоянд. Барномаи ҷаласа бояд ҳадди ақал 3 (се) рӯз пеш аз ҷаласа ба аъзоёни Кумитаи иҷроия фиристода шавад.

4. Котиби генералӣ дар ҷаласаҳои Кумитаи иҷроия ҳамчун мушовир ва бидуни ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок мекунад. Агар Котиби генералӣ дар ҷаласа иштирок карда натавонад, вай метавонад бо тасдиқи Кумитаи иҷроия намояндаи худро барои иштирок дар ҷаласа аз номи вай пешбарӣ намояд.

5. Ҷаласаҳои Кумитаи иҷроия ба таври оммавӣ гузаронида намешаванд. Бо вуҷуди ин, Кумитаи иҷроия метавонад тарафҳои сеюмро барои иштирок дар ҷаласа даъват намояд. Он тарафҳои сеюм ҳуқуқи овоздиҳӣ надоранд ва танҳо бо иҷозати Кумитаи иҷроия метавонанд фикру андешаҳои худро баён кунанд.

6. Президент ҳамчунин метавонад ба таври таъҷилӣ Кумитаи иҷроияро барои баррасии ҳар гуна масъалае даъват кунад, ки бояд дар байни ду ҷаласаи Кумитаи иҷроия фавран ҳал карда шавад. Агар аъзоёни Кумитаи иҷроия дар ҷаласа ба таври ҷисмонӣ иштирок карда натавонанд, қарорҳо мумкин аст аз тариқи дигар воситаҳои муосири коммуникатсияи хаттӣ (масалан, ба таври маҷозӣ (виртуалӣ), почтаи электронӣ ё барномаҳои паёмнависӣ) қабул карда шаванд. Дар чунин ҳолатҳо, муҳлатҳои дар банди 3-и боло зикршуда мумкин аст ё кам карда шаванд ё риоя карда нашаванд, агар ҳолати таъҷилӣ инро талаб кунад.

Моддаи **41.** **Ваколатҳо**

Кумитаи иҷроия дорои ваколатҳои зерин мебошад:

а) қабул кардани қарорҳо дар ҳамаи ҳолатҳое, ки ба доираи масъулияти Конгресс дохил намешаванд ё бар асоси қонун ё Оинномаи мазкур ба салоҳияти мақомоти дигар дахл надоранд;

б) бо кӯмаки Котиботи генералӣ омода ва даъват намудани Конгресси навбатӣ ва ғайринавбатӣ;

в) таъйин кардани раисон, муовинони раисон ва аъзоёни кумитаҳои доимӣ;

г) қабул кардани қарор дар сурати зарурат дар ҳар вақт дар бораи ташкил намудани кумитаҳои махсус;

ғ) тасдиқ ва содир кардани қоидаҳои ташкил намудани кумитаҳои доимӣ ва кумитаҳои махсус;

д) бо пешниҳоди Президент таъйин ва аз вазифа озод кардани Котиби генералӣ;

е) пешниҳод намудани аудиторҳои мустақил ва берунӣ ба Конгресс;

ё) таъйин кардани шахсони ивазкунанда ба вазифаҳои холии кумитаҳои мустақил то Конгресси оянда;

ж) тасдиқ ва содир кардани қоидаҳое, ки шартҳои иштирок ва баргузории мусобиқаҳои аз ҷониби ФФТ ташкилшавандаро танзим мекунанд;

з) таъйин кардани мураббиён барои дастаҳои мунтахаб;

и) тасдиқ намудани ҳисоботҳои молиявии тафтишшуда ва буҷети солона, инчунин пешниҳод кардани буҷет барои тасдиқ ба Конгресс;

й) тасдиқ ва содир кардани Қоидаҳои дохилии созмонии ФФТ;

к) таъмини татбиқи Оинномаи мазкур ва қабул кардани чораҳои иҷроия, ки барои татбиқ намудани Оиннома зарур мебошанд;

к) озод намудани ҳар аъзои мақомот аз вазифа ё муваққатан барканор намудани аъзои ФФТ то Конгресси оянда, ба истиснои Котиби генералӣ, ки мумкин аст бо пешниҳоди Президент аз вазифа озод карда шавад;

л) вогузор намудани вазифаҳои худ ба дигар мақомот;

м) таъйин кардани нозироне, ки метавонанд дар кори Конгресс бидуни ҳуқуқи муҳокима ё овоздиҳӣ иштирок кунанд;

Моддаи 42. Қарорҳо

1. Кумитаи иҷроия ба мубоҳисаи асосдор иштирок намекунад, агар дар он бештар аз 50 фоизи аъзоёнаш ҳузур надошта бошанд. Иштирок аз тариқи видеоконфронс ҳузурро ифода мекунад.

2. Кумитаи иҷроия қарорҳоро бо аксарияти (бештар аз 50 фоизи) овозҳои боэътибор қабул мекунад. Дар сурати баробар будани шумораи овозҳо, Президент овози ҳалкунанда дорад. Овоздиҳӣ ба воситаи ваколатнома ё мактуб иҷозат дода намешавад. Вақте ки ҷаласаи Кумитаи иҷроия аз тариқи видеоконфронс баргузор карда мешавад, овоздиҳӣ аз тариқи онлайн ё тавассути дигар воситаҳои муосири коммуникатсияи хаттӣ (мисол, почтаи электронӣ, барномаҳои паёмнависӣ) иҷозат дода мешавад.

3. Ҳар аъзои Кумитаи иҷроия бояд аз мубоҳиса ва қабул кардани қарор даст кашад, агар ҳар гуна хавф (риск) ё эҳтимолияти бархӯрди манфиатҳо вуҷуд дошта бошад.

4. Қарорҳои қабулшуда дар протокол сабт карда мешаванд.

5. Қарорҳои қабулкардаи Кумитаи иҷроия фавран эътибори қонунӣ пайдо мекунанд, агар Кумитаи иҷроия қарори дигареро қабул накунад.

В. ПРЕЗИДЕНТ

Моддаи 43. Президент

1. Президент пеш аз ҳама барои мавридҳои зерин масъул мебошад:

а) таъмини амалисозии устувори ҳадафҳои оинномавӣ, вазифаҳо, самти стратегӣ, сиёсатҳо ва арзишҳои ФФТ ва ташаккули имиҷи мусбати ФФТ;

б) татбиқи қарорҳои қабулнамудаи Конгресс ва Кумитаи иҷроия тавассути Котиботи генералӣ;

в) таъмини фаъолияти самарабахши мақомот барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар Оинномаи мазкур зикр карда шудаанд;

г) назорат намудани кори Котиботи генералӣ;

ғ) муносибатҳои байни ФФТ ва аъзоёни он, ФИФА, АФК, КАФА, мақомоти сиёсӣ ва дигар созмонҳо.

2. Танҳо Президент метавонад таъйин/аз вазифа озод кардани Котиби генералиро пешниҳод намояд.

3. Президент дар ҷаласаҳои Конгресс, Кумитаи иҷроия ва он кумитаҳое раисӣ мекунад, ки ӯ раиси онҳо таъйин карда шудааст.

4. Президент дар Кумитаи иҷроия овози оддӣ дорад ва дар сурати баробар будани овозҳо, овози ҳалкунанда дорад.

5. Агар Президент ҳозир ё дастрас набошад, ноиби якуми Президент уҳдадории раисро иҷро мекунад.

6. Агар вазифаи Президент ба маънои моддаи 39, банди 8-и Оинномаи мазкур холӣ шавад, ноиби якуми Президент то Конгресси оянда уҳдадории раисро иҷро мекунад. Ин Конгресс Президенти навро барои муҳлати боқимондаи ваколат интихоб мекунад.

7. Ҳар гуна ваколатҳои иловагии Президент мумкин аст дар муқаррароти дохилии ФФТ дохил карда шавад.

Моддаи **44.** Намояндагӣ ва имзо

Президент дар маҷмӯъ ФФТ-ро намояндагӣ мекунад. Кумитаи иҷроия дар ҳуҷҷатҳои дохилии ФФТ дар бораи имзои муштараки шахсони мансабдор муқаррароти махсус қабул мекунад.

Моддаи **45.** Бюрои Кумитаи иҷроия

1. Бюрои Кумитаи иҷроия ҳамаи масъалаҳоеро баррасӣ менамояд, ки дар байни ду ҷаласаи Кумитаи иҷроия фавран ҳал карданро талаб мекунанд. Аъзоёни Бюрои Кумитаи иҷроия аз Президент, ноиби якуми Президент, ноибони Президенти ФФТ ва як аъзои Кумитаи иҷроия иборат мебошанд.

2. Президент ҷаласаҳои Бюрои Кумитаи иҷроияро даъват мекунад. Агар ҷаласа дар тӯли давраи муайяни вақт даъват карда нашавад, қарорҳо мумкин аст тавассути дигар воситаҳои алоқа қабул карда шаванд. Чунин қарорҳо дорои эътибори фаврии ҳуқуқӣ мебошанд. Президент дар бораи қарорҳои қабулкардаи Бюрои Кумитаи иҷроия фавран Кумитаи иҷроияро огоҳ менамояд.

3. Ҳамаи қарорҳои қабулкардаи Бюрои Кумитаи иҷроия аз тарафи Кумитаи иҷроия дар ҷаласаи навбатии он тасдиқ карда мешаванд.

4. Дар сурате, ки Президент дар ҷаласа иштирок карда натавонад, ноиби якум Президент бояд ӯро намояндагӣ кунад.

Г. КОТИБОТИ ГЕНЕРАЛӢ

Моддаи **46.** Котиботи генералӣ

Котиботи генералӣ мақоми иҷроия, амалиётӣ ва маъмурӣ буда, фаъолияти ФФТ-ро таҳти роҳбарии Котиби генералӣ иҷро менамояд. Аъзоёни Котиботи генералӣ Қоидаҳои дохилии созмонии ФФТ-ро риоя намуда, вазифаҳои гузошташударо софдилона иҷро мекунанд.

Моддаи **47.** **Котиби генералӣ**

1. Котиби генералӣ маъмури калони иҷроияи ФФТ мебошад.

2. Котиби генералӣ аз ҷониби Кумитаи иҷроия бо пешниҳоди Президент бар асоси созишномае таъйин карда мешавад, ки тавассути ҳуқуқи хусусӣ танзим карда мешавад ва дорои тахассуси зарурии касбӣ ва/ё таҷрибаи корӣ мебошад.

3. Котиби генералӣ барои мавридҳои зерин масъул мебошад:

   а) иҷро намудани қарорҳои қабулнамудаи Конгресс ва Кумитаи иҷроия мутобиқи дастурҳои Президент;

   б) иштирок наудан дар Конгрес ва ҷаласаҳои Кумитаи иҷроия ва кумитаҳои доимӣ ва махсус;

   в) ташкил намудани Конгресс ва ҷаласаҳои Кумитаи иҷроия ва дигар мақомот;

   г) тартиб додани протоколҳои ҷаласаҳои Конгресс, Кумитаи иҷроия ва кумитаҳои доимӣ ва махсус;

   ғ) идора ва пешбурди муҳосибот;

   д) мукотиба;

   е) муносибатҳо бо аъзоён, кумитаҳо, ФИФА ва АФК таҳти роҳбарии Президент;

   ё) ташкил намудани Котиботи генералӣ;

   ж) таъйин ва аз кор озод кардани кормандоне, ки дар Котиботи генералӣ кор мекунанд;

   з) дастгирии логистикӣ ва амалиётии кумитаҳои интихобот дар баргузор намудани интихобот.

4. Ҳар гуна масъулият ва уҳдадориҳои иловагие, ки ба Котиби генералӣ вогузор карда мешаванд, бояд дар ҳуҷҷатҳои дохилии ФФТ дарҷ карда шаванд.

5. Котиби генералӣ наметавонад вакили Конгресс ё аъзои ягон мақоми дигар бошад.

Ғ. КУМИТАҲОИ ДОИМӢ

Моддаи **48.** **Кумитаҳои доимӣ**

1. Кумитаҳои иҷроия мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

   а) Кумитаи молия;

   б) Кумита оид ба ташкил намудани мусобиқаҳои ФФТ;

   в) Кумитаи техникӣ ва рушд;

   г) Кумитаи доварон ва нозирон;

ғ) Кумитаи футболи бонувон;

д) Кумита оид ба мақоми бозигарон;

е) Кумитаи футболи оммавӣ ва ҳаваскорон;

ё) Кумитаи тиббӣ;

ж) Кумита оид ба футзал ва футболи канорисоҳилӣ.

2. Раисон, муовинони раисон ва аъзоёни кумитаҳои доимӣ метавонанд аъзоёни Кумитаи иҷроия бошанд, ба истиснои аъзоёни Кумитаи доварон, ки ба ҳайати Кумитаи иҷроия дохил намешаванд. Аъзоёни ҳар кумитаи доимӣ аз ҷониби Кумитаи иҷроия бо пешниҳоди аъзоёни ФФТ ё Президент таъйин карда мешаванд. Кумитаи иҷроия намояндагии занонро дар кумитаҳои доимӣ таъмин менамояд. Раисон, муовинони раисон ва аъзоёни кумитаҳои доимӣ ба муҳлати чор сол таъйин карда мешаванд. Онҳо аз ҷониби Кумитаи иҷроия дар ҳар вақт бидуни тасдиқи Конгрес ба вазифа таъйин ё аз вазифа озод карда мешаванд.

3. Ҳар раис кумитаи доимии худро намояндагӣ мекунад ва фаъолияти худро мутобиқи муқаррароти дахлдори Қоидаҳои дохилии созмонии ФФТ пеш мебарад, ки аз ҷониби Кумитаи иҷроия тасдиқ карда шудааст.

4. Ҳар раис санаҳои ҷаласаҳоро дар ҳамкорӣ бо Котиби генералӣ муқаррар мекунад, иҷрои ҳамаи вазифаҳоро таъмин менамояд ва ба Кумитаи иҷроия ҳисобот медиҳад. Ҷаласаҳо мумкин аст бо ҳузури шахсӣ ё аз тариқи видеоконфронс баргузор карда шаванд.

5. Кумитаи иҷроия ва ҳар кумитаи доимӣ бо тасдиқи Кумитаи иҷроия дар сурати зарурат метавонанд барои ҳалли масъалаҳои таъхирнопазир идора ва/ё зеркумита ташкил намоянд. Ҳар гуна муҳокима ва қарори идора ва/ё зеркумита ба кумитаи дахлдори доимӣ дар сурати имконпазир будани он хабар дода мешавад.

6. Ҳар кумитаи доимӣ метавонад ба Кумитаи иҷроия ба муқаррароти дахлдори Қоидаҳои дохилии созмонии ФФТ, ки ба кумитаи он дахл доранд, тағйирот пешниҳод намояд.

7. Кумитаҳои доимӣ бояд тавре ташкил карда шаванд, ки аъзоён он якҷо дониш, қобилиятҳо ва таҷрибаи корӣ дошта бошанд, ки барои ба таври муносиб иҷро намудани вазифаҳо ва уҳдадориҳои онҳо зарур мебошанд.

Моддаи 49. Кумитаи молия

Кумитаи молия идоракунии молиявиро назорат мекунад ва ба Кумитаи иҷроия дар бораи масъалаҳои молиявӣ ва идоракунии дороиҳо машварат медиҳад. Он буҷет ва ҳисоботҳои молиявии аз ҷониюи Котиби генералӣ таҳияшударо таҳлил намуда, онҳоро барои тасдиқ ба Кумитаи иҷроия пешниҳод менамояд. Он аз раис, муовини раис ва 3 аъзо иборат аст.

Моддаи 50. Кумита оид ба ташкил намудани мусобиқаҳои ФФТ

Кумита оид ба ташкил намудани мусобиқаҳои ФФТ мусобиқаҳои футбол, футзал ва футболи канорисоҳилии ФФТ-ро дар ҳар сатҳ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти Оинномаи мазкур ва қоидаҳое ташкил менамояд, ки ба мусобиқаҳои ФФТ татбиқ карда мешаванд. Он аз раис, муовини раис ва ҳашт аъзо иборат аст.

Моддаи 51. Кумитаи техникӣ ва рушд

Кумитаи техникӣ ва рушд пеш аз ҳама ҷанбаҳои асосии омодагӣ ва рушди техникии футболро таҳлил мекунад. Он ҳамчунин барои барномаҳои рушди ФФТ, таҳия ва пешниҳод намудани стратегияҳои мувофиқ, мониторинги татбиқи ин стратегияҳо, таҳлили дастгирӣ ва барномаҳое, ки ба аъзоёни ФФТ пешниҳод карда мешаванд ва дар маҷмӯъ пешниҳод намудани машваратҳо ба Кумитаи иҷроия оид ба масъалаҳои рушд масъул мебошад. Он аз раис, муовини раис ва даҳ аъзо иборат аст.

Моддаи 52. Кумитаи доварон ва нозирон

Кумитаи доварон ва нозирон Қоидаҳои бозиро татбиқ мекунад. Он доварон ва доварон-нозиронро барои бозиҳо дар мусобиқаҳои аз ҷониби ФФТ ташкилшаванда таъйин мекунад, масъалаҳои довариро дар ФФТ дар ҳамкорӣ бо маъмурият ташкил мекунад ва таълиму тайёрии доворонро назорат менамояд. Он аз раис, муовини раис ва панҷ аъзо иборат мебошад, ки чор нафари онҳо собиқ доварон мебошанд.

Моддаи 53. Кумитаи футболи бонувон

Кумитаи футболи бонувон мусобиқаҳои ФФТ-ро оид ба футболи бонувон ташкил мекунад ва ба ҳамаи масъалаҳои вобаста ба футболи бонувон машғул мебошад. Он аз раис, муовини раис ва шаш аъзо иборат аст.

Моддаи 54. Кумита оид ба мақоми бозигарон

1. Кумита оид ба мақоми бозигарон қоидаҳои гузариши бозигаронро мутобиқи Қоидаҳои ФИФА дар бораи мақом ва гузариши бозигарон муқаррар ва назорат намуда, мақоми бозигаронро барои мусобиқаҳои гуногуни ФФТ муайян мекунад. Кумитаи иҷроия метавонад муқаррароти махсусеро тасдиқ намояд, ки ваколатҳои Кумита оид ба мақоми бозигаронро танзим мекунанд. Кумита оид ба мақоми бозигарон аз раис, муовини раис ва панҷ аъзо иборат мебошад.

2. Баҳсҳо оид ба мақоми бозигарон бо иштироки ФФТ, аъзоён, клубҳо, бозигарон, шахсони мансабдор, миёнаравҳо ва намояндагони дорои иҷозатномаи он оид ба бозӣ аз ҷониби Кумита оид ба мақоми бозигарон ҳал карда мешаванд.

3. Кумита оид ба мақоми бозигарон зеркумитаеро таъсис медиҳад, ки иштироки миёнаравонро дар муносибатҳои байни клубҳои футбол, мураббиён ва бозигарон дар амалисозии гузариши (трансфери) бозигарон/мураббиён аз як клуби футбол ба клуби дигари футбол, бастани (тағйир додан, қатъ кардани) шартномаҳои меҳнатии бозигарон/мураббиёнро бо клубҳои футбол ва ҳамчунин аккредитатсияи миёнаравҳоро танзим менамояд. Зеркумита аз раис, муовин ва як аъзо иборат аст.

Моддаи 55. Кумитаи футболи оммавӣ ва ҳаваскорон

Кумитаи футболи оммавӣ ва ҳаваскорон ба ҳамаи масъалаҳои вобаста ба ҳаваскорон ва футболи оммавии ФФТ ва аъзоёни он машғул мебошад. Он аз раис, муовини раис ва ҳашт аъзо иборат аст.

Моддаи 56. Кумитаи тиббӣ

Кумитаи тиббӣ масъалаҳои тибби варзишӣ ва назорати зиддидопингиро дар соҳаи футбол назорат намуда, ба Кумитаи иҷроия дар бораи беҳтар намудани тартиботи назорати зиддидопингӣ пешниҳодҳо пешкаш мекунад ва ҳуҷҷати дахлдорро таҳия менамояд. Кумитаи тиббӣ аз раис, муовин ва панҷ аъзо иборат мебошад.

Моддаи 57. Кумита оид ба футзал ва футболи канорисоҳилӣ

Кумита оид ба футзал ва футболи канорисоҳилӣ ташкили мусобиқаҳои футзал ва футболи канорисоҳилиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад ва ба ҳамаи масъалаҳои вобаста ба он машғул мебошад. Кумита оид ба футзал ва футболи канорисоҳилӣ аз раис, муовин ва панҷ аъзо иборат аст.

Моддаи 58. Кумитаҳои махсус

Дар сурати зарурат, Кумитаи иҷроия метавонад кумитаҳои махсусро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои махсус ва барои муҳлати маҳдуд ташкил намояд. Кумитаи иҷроия раис, муовини раис ва шумораи муносиби аъзоёни онро таъйин мекунад. Уҳдадориҳо ва вазифаҳои кумитаҳои махсус дар қоидаҳои махсус муайян карда мешаванд, ки аз ҷониби Кумитаи иҷроия тасдиқ карда мешаванд. Кумитаҳои махсус мустақиман ба Кумитаи иҷроия ҳисобот медиҳанд.

Д. МАҚОМОТИ ИҶОЗАТНОМАДИҲАНДАИ КЛУБҲО

Моддаи 59. Мақомоти иҷозатномадиҳандаи клубҳо

1. Мақомоти иҷозатномадиҳандаи клубҳо мутобиқи Қоидаҳои ФФТ ва АФК оид ба иҷозатномадиҳии клубҳо барои низоми иҷозатномадиҳии клубҳо масъул мебошанд.

2. Мақомоти иҷозатномадиҳандаи клубҳо аз мақоми марҳилаи аввал ва мақоми апеллятсионӣ иборат мебошанд.

3. Шикоят аз болои қарорҳои қабулнамудаи мақом оид ба баррасии шикоятҳо барои додани иҷозатнома ба клубҳо мумкин аст танҳо ба суди ҳакамии (арбитражии) мустақил ва ба таври зарурӣ ташкилшуда мутобиқи муқаррароти Оинномаи мазкур пешниҳод карда шавад.

V. КУМИТАҲОИ МУСТАҚИЛ

Моддаи 60. Мустақилияти институтсионалӣ

1. Кумитаҳои мустақил ва ҳамчунин аъзоёни алоҳидаи онҳо фаъолиятҳо ва уҳдадориҳои худро комилан мустақилона, вале ҳамеша ба манфиати ФФТ ва мутобиқи Оиннома ва қоидаҳои он иҷро менамоянд.

2. Раисон, муовинони раисон ва аъзоёни Кумитаи аудит, инчунин кумитаҳои интихобот, раисон ва муовинони раисони мақомоти ҳуқуқӣ бояд меъёрҳои мустақилиятро риоя намоянд, ки дар банди 3-и поён муайян карда шудаанд.

3. Шахсоне, ки дар банди 2-и боло зикр карда шудаанд, инчунин ягон аъзои наздики оилаи онҳо наметавонанд дар тӯли чор соли пеш аз муҳлати ибтидоии ваколаташон дар ФФТ, яке аз аъзоёни ФФТ, лига ё клуб (аз ҷумла дар ҳар гуна ширкатҳо/созмонҳои фаръии онҳо) ягон вазифаи иҷроияро иҷро кунанд, инчунин дар тӯли чор соли пеш аз муҳлати ибтидоии ваколаташон бо ФФТ, яке аз аъзоёни ФФТ, лига ё клуб (аз ҷумла ягон ширкат/созмони фаръии онҳо) ягон робитаи моддии тиҷоратӣ дошта бошанд. “Аъзои наздики оила” нисбат ба шахс ҳамсар ё шарики оилавӣ, бародарону хоҳарон, падару модар, падаркалону модаркалон, тағою амакҳо, аммаю холаҳо, фарзандон (аз ҷумла ҳар кӯдаки фарзандхондшуда), набераҳо, домод, келин, хусур, хушдоман, аз ҷумла ҳар шахси дигарро аз рӯи хун ё ба таври дигар дар назар дорад, ки шахс бо онҳо муносибатҳои монанд ба муносибатҳои оилавие дорад, ки ин шахс онҳоро аз нигоҳи молиявӣ дастгирӣ менамояд.

Моддаи **61.** **Кумитаи аудит**

1. Кумитаи аудит аз раис, муовини раис ва се аъзо иборат мебошад. Аъзоёни он бояд дар масъалаҳои молиявӣ ва/ё меъёрии ҳуқуқӣ дониш ва таҷриба дошта бошанд ва наметавонанд дар қабул намудани ҳар гуна қароре иштирок намоянд, ки ба фаъолиятҳои ФФТ дахл доранд.

2. Кумитаи аудит ба Кумитаи Иҷроия дар мониторинги масъалаҳои молиявӣ ва мутобиқати ФФТ машварат медиҳад, кӯмак мекунад ва назорат менамояд, механизмҳои мутобиқатро эҷод менамояд ва риояи қоидаҳои дахлдори ФФТ-ро назорат мекунад. Он ҳамчунин Котиботи генералиро дар масъалаҳои молиявӣ ва мутобиқат назорат мекунад. Кумитаи аудит комил будан ва боэътимодии муҳосиботи молияviро таъмин намуда, ҳисоботҳои молиявии ҷамъбастӣ ва ҳисоботи аудитори мустақил ва беруниро баррасӣ менамояд. Кумитаи аудит ҳамчунин масъалаҳои молиявӣ ва мутобиқати ФФТ-ро назорат мекунад ва ба мақомоти дахлдор ҳар гуна амалеро пешниҳод менамояд, ки дар натиҷаи чунин назорат зарур мешуморад. Кумитаи аудит бо кӯмаки Котиботи генералӣ барномаи мутобиқатро дар ФФТ амалӣ менамояд.

3. Маълумоти муфассал дар бораи уҳдадориҳои Кумитаи аудит, ҳамкории дохилии он ва дигар масъалаҳои тартиботӣ дар Қоидаҳои дохилии созмонии ФФТ пешбинӣ шудаанд.

4. Раис, муовини раис ва аъзоёни Кумитаи аудит аз ҷониби Конгресс ба муҳлати чор сол интихоб карда мешаванд ва мумкин аст танҳо аз ҷониби Конгресс аз вазифаҳояшон озод карда шаванд. Онҳо ба ягон мақоми дигари ФФТ таалluқ надоранд ва пеш аз интихоб шудан ё такроран интихоб шудан аз санҷиши садоқатмандӣ мегузаранд, ки аз ҷониби Кумита оид ба интизом ва ахлоқ баргузор карда мешавад. Онҳо бояд ба талаботҳои мустақилият ҷавобгӯ бошанд, ки дар банди 5-и поён оварда шудаанд.

5. Раис ва муовини раиси Кумитаи аудит, инчунин ягон аъзои наздики оилаи онҳо наметавонанд дар тӯли чор соли пеш аз муҳлати ибтидоии ваколати худ ягон вазифаи иҷроияро дар ФФТ, яке аз аъзоёни ФФТ, лига ё клуб (аз ҷумла ҳар гуна ширкатҳо/созмонҳои фаръии онҳо) иҷро кунанд ва ҳамчунин дар тӯли чор соли пеш аз муҳлати ибтидоии ваколаташон бо ФФТ, яке аз аъзоёни ФФТ, лига ё клуб (аз ҷумла ягон ширкат/созмони фаръии онҳо) ягон робитаи моддии тиҷоратӣ дошта бошанд. “Аъзои наздики оила” нисбат ба шахс ҳамсар ё шарики оилавӣ, падару модар, падаркалону модаркалон, тағою амакҳо,

аммаю холаҳо, фарзандон (аз ҷумла ҳар кӯдаки фарзандхондшуда), набераҳо, домод, келин, хусур, хушдоман, аз ҷумла ҳар шахси дигарро аз рӯи хун ё ба таври дигар дар назар дорад, ки шахс бо онҳо муносибатҳои монанд ба муносибатҳои оилавие дорад, ки ин шахс онҳоро аз нигоҳи молиявӣ дастгирӣ менамояд.

6. Агар раис, муовини раис ё аъзои Кумитаи аудит дар тӯли муҳлати ваколаташ иҷрои вазифаи хидматии худро ба таври доимӣ катъ намояд, Кумитаи иҷроия шахси дигарро ба ҷои вай то Конгресси оянда таъйин мекунад.

Моддаи 62. Кумитаҳои интихоботӣ

1. Кумитаҳои интихоботӣ мақомоте мебошанд, ки барои ташкил ва назорат намудани раванди интихобот мутобиқи Кодекси интихоботи ФФТ масъул мебошанд. Кумитаҳои интихоботӣ аз Кумитаи интихобот (мақоми марҳилаи аввал) ва Кумитаи арзу шикоятҳои вобаста ба интихобот (мақоми марҳилаи дуюм) иборат мебошанд.

2. Ҳайат ва вазифаҳои кумитаҳои интихоботӣ тавассути Кодекси интихоботи ФФТ танзим карда мешаванд.

Моддаи 63. Мақомоти ҳуқуқӣ

1. Мақомоти ҳуқуқӣ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

   а) Кумита оид ба интизом ва ахлоқ;

   б) Кумитаи апеллятсионӣ (арзу шикоятҳо).

2. Мақомоти ҳуқуқӣ бояд тавре ташкил карда шаванд, ки аъзоён якҷо дониш, қобилиятҳо ва таҷрибаи корӣ дошта бошанд, ки барои ба таври муносиб иҷро намудани вазифаҳо ва уҳдадориҳои онҳо зарур мебошанд. Раисон ва муовинони раисони мақомоти ҳуқуқӣ барои машғул шудан ба фаъолияти адвокатӣ ҳуқуқ доранд.

3. Ҳамаи аъзоёни мақомоти ҳуқуқӣ (аз ҷумла раисон ва муовинони раисон) пеш аз интихоб шудан ё дубора интихоб шуданашон аз санҷиши садоқатмандӣ мегузаранд, ки аз ҷониби Кумитаи аудит гузаронида мешавад.

4. Муҳлати ваколати ҳамаи аъзоён чор сол аст. Аъзоён метавонанд ҳар вақт аз нав интихоб шаванд ё аз вазифаҳои худ озод карда шаванд, ҳарчанд онҳо метавонанд аз вазифаҳои худ танҳо аз ҷониби Конгресс озод карда шаванд.

5. Раисҳо, муовинони раисон ва дигар аъзоёни мақомоти ҳуқуқӣ аз ҷониби Конгресс бо пешниҳоди Кумитаи иҷроия интихоб карда мешаванд ва аъзоёни ягон мақоми дигари ФФТ намебошанд.

6. Раисон ва муовинони раисони мақомоти ҳуқуқӣ бояд ба меъёрҳои мустақилият ҷавобгӯ бошанд, ки дар моддаи ()-и Оинномаи мазкур пешбинӣ карда шудаанд.

7. Агар раис, муовини раис ё аъзои мақоми ҳуқуқӣ дар тӯли муҳлати ваколати худ иҷрои вазифаи хидматиашро ба таври доимӣ катъ намояд, Кумитаи иҷроия ба ҷои вай дигар шахсро то Конгресси оянда таъйин мекунад, ки дар он Конгресс аъзои нави мақоми дахлдори ҳуқуқиро дар давраи боқимонда таъйин менамояд.

8. Масъулият ва вазифаҳои мақомоти ҳуқуқӣ бояд дар Кодекси интизом ва ахлоқи ФФТ муайян карда шаванд.

Моддаи 64. Кумита оид ба интизом ва ахлоқ

1. Вазифаи Кумита оид ба интизом ва ахлоқ тавассути Кодекси интизом ва ахлоқи ФФТ танзим карда мешавад.

2. Кумита оид ба интизом ва ахлоқ метавонад таҳримҳои дар ин Оиннома ва Кодекси интизом ва ахлоқии ФФТ тавсифшударо нисбат ба аъзоён, шахсони мансабдор, бозигарон, клубҳо, намояндагони иҷозатномадори бозиҳо ва миёнаравҳо эълон кунад.

3. Муқаррароти мазкур ба ваколатҳои Конгресс ва Кумитаи иҷроия дар робита ба муваққатан барканор намудан ва хориҷ кардани аъзоён таъсир намерасонанд.

4. Кумитаи иҷроия Кодекси интизом ва ахлоқии ФФТ-ро таҳия менамояд, ки он бояд ба принсипҳои дар Кодекси интизоми ФИФА ва Кодекси ахлоқи ФИФА баёншуда мувофиқ бошад.

Моддаи 65. Кумитаи апеллятсионӣ

1. Вазифаи Кумитаи апеллятсионӣ тавассути Кодекси интизом ва ахлоқи ФФТ танзим карда мешавад.

2. Кумитаи апеллятсионӣ барои баррасии шикоятҳо аз болои қарорҳои Кумитаи интизом ва ахлоқ масъул мебошад, ки мутобиқи муқаррароти дахлдори ФФТ ниҳоӣ эълон карда нашудаанд.

3. Кумитаи апеллятсионӣ аз раис, муовини раис ва се аъзо иборат мебошад. Раис бояд таҳсилоти ҳуқуқӣ дошта бошад.

4. Қарорҳое, ки аз ҷониби Кумитаи апеллятсионӣ қабул карда шудаанд, мутобиқи муқаррароти Оинномаи мазкур мумкин аст танҳо ба CAS пешниҳод карда шаванд.

VI. ЧОРАҲОИ ИНТИЗОМӢ

Моддаи 66. Чораҳои интизомӣ

Чораҳои интизомӣ асосан:

1. барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ:
   а) огоҳӣ;
   б) танбеҳ, танбеҳи қатъӣ;
   в) ҷарима;
   г) баргардонидани ҷоизаҳо.

2. барои шахсони воқеӣ:

а) огоҳӣ;

б) хориҷ кардан;

в) барканор намудан аз иштирок дар бозӣ;

г) манъ кардани воридшавӣ ба ҳуҷраҳои либоспӯшӣ ва/ё нишастан дар курсии бозигарони эҳтиётӣ;

ғ) манъ кардани даромадан ба майдони футбол;

д) манъ кардани иштирок дар ҳар гуна фаъолиятҳои вобаста ба футбол;

е) кори иҷтимоӣ;

3. барои шахсони ҳуқуқӣ:

а) манъ кардани гузариши бозигарон;

б) гузаронидани бозӣ/вохӯрӣ бидуни тамошобинон;

в) гузаронидани бозӣ дар ҳудуди бетараф;

г) манъ кардани бозӣ дар варзишгоҳи муайян;

ғ) бекор кардани натиҷаи бозӣ;

д) хориҷ кардан аз мусобиқа;

е) ҷарима (forfeit);

ё) кам кардани холҳо;

ж) гузаронидан ба лигаи пасттар;

з) аз нав бозӣ намудан.

VII. ҲАКАМ (АРБИТРАЖ)

Моддаи 67. Ҳакам

1. Баҳсҳо дар ФФТ ё баҳсҳое, ки ба аъзоёни ФФТ, лигаҳо, аъзоёни лигаҳо, клубҳо, аъзоёни клубҳо, бозигарон ва шахсони мансабдор дахл доранд, мумкин аст танҳо дар марҳилаи охирин (яъне пас аз тамом шудани ҳамаи каналҳои дохилии ФФТ) ба Суди варзишии арбитражӣ (CAS) пешниҳод карда шаванд, ки баҳсро ба таври қатъӣ ҳал мекунад, ба истиснои ҳар гуна суди дорои юрисдиксияи умумӣ, агар инро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ манъ накарда бошад.

2. Баҳсҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, ки аз оинномаҳо, қоидаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА ё АФК бармеоянд ё бо онҳо алоқаманд мебошанд, мумкин аст танҳо дар марҳилаи охирин ба CAS пешниҳод карда шаванд, тавре ки дар оинномаҳои ФИФА ва АФК пешбинӣ карда шудаанд.

Моддаи 68. Доираи ҳуқуқ (юрисдиксия)

1. ФФТ дорои доираи ҳуқуқ (юрисдиксия) нисбат ба баҳсҳои дохилии миллӣ, яъне баҳсҳои байни тарафҳое мебошад, ки ба ФФТ тааллуқ доранд ё ба он вобаста мебошанд.

2. ФИФА ва/ё АФК мутобиқи муқаррароти дахлдор дорои доираи ҳуқуқ нисбат ба баҳсҳои байналмилалӣ, яъне баҳсҳои байни тарафҳое мебошанд, ки ба ассотсиатсияҳо ва/ё конфедератсияҳои гуногун тааллуқ доранд.

Моддаи **69.** Хазинаҳо ва амвол

1. ФФТ метавонад дорои хазинаҳо ва амволе, ки барои таъмини молиявӣ ва моддии фаъолиятҳои пешбинишуда дар Оинномаи мазкур зарур мебошанд, инчунин созмонҳое бошад, ки аз ҳисоби он таъсис дода шудаанд.

2. Амволи ФФТ мумкин аст: қитъаҳои замин, биноҳо, иншоотҳо, биноҳо бо сохтмонҳо ва қитъаҳои ҳамшафат, амвол барои мақсадҳои фароғатӣ ва фарҳангӣ, таҷҳизот, инвентар, коғазҳои қиматнок, захираҳои молиявӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволе бошанд, ки мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон харида шудаанд.

3. Фурӯхтан, ба иҷора додан, ҳадя кардан, ҳамчун гарав гирифтан ва ба таври дигар идора намудани амволи ФФТ бидуни қарори дахлдори Кумитаи иҷроияи ФФТ манъ аст.

4. Даромад аз фаъолиятҳои ФФТ, даромадҳои пулӣ аз аъзоён ва сарпарастон, ФИФА ва АФК, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ наметавонанд дар байни аъзоёни ФФТ дар шакли дивиденд тақсим карда шаванд. Онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавӣ равона карда мешаванд.

5. Амволе, ки муҳлати истифодаи онҳо гузаштааст ё корношоям шудаанд, мутобиқи қарори комиссияи ФФТ барои аз ҳисоб баровардан ва бар асоси фармони Президент ё ноиби якуми Президенти ФФТ аз ҳисоб бароварда мешаванд.

6. ФФТ андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба буҷет ва хазинаҳои ҳадафманди давлатӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пардохт менамояд ва ҳамчунин дорои имтиёзҳои андоз мебошад.

7. ФФТ Академияи футболи худро таъсис медиҳад, ки фаъолиятҳоро ҷиҳати интихоб ва тайёр намудани бозигарони ҷавону боистеъдод барои дастаҳои миллии ҷавонон анҷом медиҳад. Он раванди умумии таълимро ташкил мекунад. Он машғулиятҳои таълимиро баргузор намуда, баромади дастаҳоро дар мусобиқҳо таъмин менамояд ва дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок мекунад.

7.1. Академияи футболи ФФТ фаъолиятҳои худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оинномаҳо, қоидаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА, АФК ва ФФТ амалӣ менамояд.

8. ФФТ шабакаи телевизионии “Футбол”-и худро ташкил намудааст, ки дар сохтори ФФТ воҳиди мустақил мебошад. Шабакаи телевизионии “Футбол” фаъолиятҳои худро ҷиҳати тарғиб ва оммавӣ намудани футбол дар кишвар ва берун аз он амалӣ менамояд. Он пахши бозиҳои футболи маҳаллӣ ва байналмилалиро ташкил мекунад.

8.1. Шабакаи телевизионии “Футбол” фаъолиятҳои худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва Низомномаи ФФТ амалӣ менамояд.

8.2. Шабакаи телевизионии “Футбол” дорои истгоҳи телевизионии сайёр барои пахши мустақими бозиҳои футболи маҳаллӣ ва байналмилалӣ мебошад.

VIII. ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ

Моддаи **70.** Давраи молиявӣ

1. Давраи молиявии ФФТ як сол аст ва аз 1 январ оғоз шуда, 31 декабр ба охир мерасад.

2. Даромад ва хароҷоти ФФТ бояд тавре идора карда шаванд, ки онҳо дар тӯли давраи молиявӣ мувозинат кунанд. Уҳдадориҳои асосии ФФТ дар оянда тавассути ташкил намудани захираҳо кафолат дода мешаванд.

3. Котиби генералӣ барои тартиб додани ҳисоботҳои солонаи ҷамъбастии ФФТ бо филиалҳои он то 31 декабр масъул мебошад.

Моддаи 71. Даромад

Даромади ФФТ мавридҳои зеринро дар бар мегирад:

а) ҳаққи аъзогии солонаи аъзоён;

б) даромадҳо аз фурӯши ҳуқуқҳое, ки ФФТ ба онҳо ҳуқуқ дорад;

в) ҷаримаҳое, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор таъйин карда шудаанд;

г) дигар пардохтҳо ва даромадҳо мутобиқи ҳадафҳои ФФТ;

ғ) ҳадяҳо;

д) ҳар гуна даромадҳои дигар, ки ба фаъолиятҳои вобаста ба футбол алоқаманд мебошанд;

е) маблағгузорӣ аз ҷониби ФИФА ва АФК.

Моддаи 72. Хароҷот

ФФТ уҳдадор аст барои:

а) хароҷоти дар буҷет пешбинишуда;

б) дигар хароҷоте, ки аз ҷониби Конгресс тасдиқ карда шудаанд ва хароҷоте, ки Кумитаи иҷроия ҳуқуқ дорад дар доираи салоҳияти худ анҷом диҳад;

в) ҳамаи хароҷоти дигар мутобиқи ҳадафҳои ФФТ;

г) дигар хароҷоти вобаста ба татбиқи фаъолиятҳои оинномавии ФФТ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Моддаи 73. Аудиторҳои мустақил ва берунӣ

Аудиторҳои мустақил ва беруние, ки аз ҷониби Конгресс таъйин карда шудаанд, ҳар сол ҳисобҳои аз ҷониби Кумитаи молия тасдиқшударо мутобиқи принсипҳои дахлдори муҳосибот тафтиш намуда, ба Конгресс ҳисобот пешниҳод мекунанд. Аудиторҳои мустақил ва берунӣ ба муҳлати ду сол таъйин карда мешаванд. Ваколатҳои онҳо мумкин аст тамдид карда шаванд.

Моддаи 74. Ҳаққаи аъзогӣ

1. Ҳаққи аъзогӣ то 1 феврал пардохт карда мешавад. Ҳаққи аъзогии солона барои аъзои нав барои соли мавриди назар бояд дар тӯли 30 рӯз пас аз ба охир расидани Конгресс пардохт карда шавад, ки дар он аъзои нав қабул карда мешавад.

2. Конгресс бо тавсияи Кумитаи иҷроия хар сол маблағи ҳаққи аъзогии солонаро муайян мекунад. Он барои ҳар аъзо яксон аст ва на бештар аз сад доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Моддаи 75. Ҳисоббаробаркунӣ

ФФТ метавонад дороиҳо ва ҳисобҳои ҳар аъзоро барои пардохти зарар аз ҳисоб барорад.

Моддаи 76. Боҷҳо

ФФТ метавонад аз аъзоёни он барои бозиҳо/вохӯриҳо пардохти боҷҳоро талаб намояд.

Моддаи 77. Нашри маълумоти молиявӣ

1. ФФТ дар вебсайти расмии худ ҳуҷҷатҳои молиявӣ, ки дар моддаи 34, банди 2 ж), з) ва и)-и Оинномаи мазкур зикршударо пас аз тасдиқ шудани бандҳои дахлдор аз ҷониби Конгресс нашр менамояд.

2. Пардохти аъзоёни Кумитаи иҷроия (аз ҷумла Президенти он), Котиби генералӣ ва аъзоёни кумитаҳои мустақил ҳамчунин бояд ба таври мунтазам нашр карда мешаванд (масалан, тавассути вебсайти расмӣ).

IX. МУСОБИҚАҲО ВА ҲУҚУҚ ДАР МУСОБИҚАҲО ВА ЧОРАБИНИҲО

Моддаи 78. Мусобиқаҳо

1. ФФТ мусобиқаҳои расмии зеринро ташкил ва ҳамоҳанг менамояд, ки дар ҳудуди он баргузор карда мешаванд:

2. Вохӯриҳо ва мусобиқаҳои расмии байналмилалӣ ва дӯстонаи ФИФА, АФК, КАФА ва ғайра.

3. Лигаҳои футбол созмонҳои ҷамъиятии варзишии тобеи ФФТ мебошанд. Онҳо клубҳои ҳамаи намудҳои футбол, аз ҷумла футзалро муттаҳид мекунанд, ки фаъолиятҳо ва ҳадафи асосии онҳо рушд ва оммавӣ намудани футбол ва футзал дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

4. Лигаҳои футбол нақшаҳои худро оид ба ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ амалӣ ва муайян намуда, қоидаҳо, тақвими мусобиқаҳо, ҷомҳо ва дигар мусобиқаҳоро таҳия мекунанд.

5. Лигаҳои футбол фаъолиятҳои худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оинномаҳо, қоидаҳо, дастурҳо ва қарорҳои ФИФА, АФК ва ФФТ амалӣ менамоянд.

6. Лигаи миллии футболи Тоҷикистон мусобиқаҳои расмии миллии зеринро ташкил ва ҳамоҳанг менамояд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон баргузор карда мешаванд:

    а. Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олӣ
    б. Чемпионати Тоҷикистон дар байни дастаҳои эҳтиётии Лигаи олӣ
    в. Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи якум
    г. Суперҷоми Тоҷикистон

ғ. Ҷоми Тоҷикистон
д. Ҷоми ФФТ
е. Ҷоми Лигаи миллии футболи Тоҷикистон
ё. Ҷоми ҷавонони Тоҷикистон

7. Лигаи футболи кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон мусобиқаҳои расмии миллии зеринро ташкил ва ҳамоҳанг менамояд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон баргузор карда мешаванд:

а. Лигаи наврасони Тоҷикистон “Пешсаф” U14, U16 ва U18
б. Лигаи наврасони Тоҷикистон “Умед” U14, U16 ва U18
в. Чемпионати Тоҷикистон байни кӯдакони то 12 сола (U-12) ва то 13 сола (U-13)

8. Лигаи футзали Тоҷикистон мусобиқаҳои расмии миллии зеринро ташкил ва ҳамоҳанг менамояд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон баргузор карда мешаванд:

а. Супер-лигаи футзали Тоҷикистон
б. Ҷоми лигаи футзали Тоҷикистон
в. Суперҷоми Тоҷикистон

9. Лигаи футболи бонувони Тоҷикистон мусобиқаҳои расмии миллии зеринро ташкил ва ҳамоҳанг менамояд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон баргузор карда мешаванд:

а. Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олии бонувон
б. Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои бонувони Тоҷикистон U17
в. Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои духтарони то 15 солаи (U15)

10. Кумитаи иҷроия метавонад ба лигаҳои поёнии ФФТ салоҳияти ташкил намудани мусобиқаҳоро диҳад (масалан, тавассути созишномаи дахлдор ва ҳамаҷониба барои футболи сатҳи баланд). Мусобиқаҳое, ки лигаҳо ташкил мекунанд, набояд ба мусобиқаҳое халал расонанд, ки аз ҷониби ФФТ ташкил карда мешаванд. Афзалият ба мусобиқаҳое дода мешавад, ки аз ҷониби ФФТ ташкил карда мешаванд.

11. Кумитаи иҷроия метавонад бо ин мақсад қоидаҳои махсус барорад.

Моддаи **79.** **Иҷозатномадиҳии клубҳо**

Кумитаи иҷроия муқарраротро дар бораи низоми иҷозатномадиҳии клубҳо мутобиқи талаботҳои ҳадди ақали АФК ва ФИФА оид ба низоми иҷозатномадиҳии клубҳо содир менамояд, ки иштироки клубҳоро дар мусобиқаҳои ФФТ ва АФК танзим мекунанд.

Моддаи **80.** **Ҳуқуқҳо**

1. ФФТ ва аъзоёни он бидуни ҳар гуна маҳдудият аз рӯи мундариҷа, вақт ва макон дорандагони аслии ҳамаи ҳуқуқҳое мебошанд, ки аз мусобиқаҳо ва дигар чорабиниҳои таҳти салоҳияти (юрисдиксияи) онҳо бармеоянд. Ин ҳуқуқҳо, аз ҷумла, ҳар гуна ҳуқуқҳои молиявӣ, сабти аудио-визуалӣ ва радиоӣ, ҳуқуқҳои такрор ва пахш намудан, ҳуқуқҳои мултимедиявӣ, ҳуқуқҳо барои маркетинг ва таблиғот, инчунин ҳуқуқҳои ғайримоддӣ, ба монанди тамғаҳо (эмблемаҳо) ва ҳуқуқҳое мебошанд, ки аз ҳуқуқи муаллифӣ бармеоянд.

2. Кумитаи иҷроия дар бораи чӣ тавр ва то чӣ андоза истифода шудани ин ҳуқуқҳо қарор қабул мекунад ва бо ин мақсад муқаррароти махсусро таҳия менамояд. ФФТ таъмин менамояд, ки фурӯши чунин ҳуқуқҳо ба таври шаффоф ва мутобиқи Оиннома ва муқаррароти ФФТ, инчунин қонунҳои ҳатмии миллӣ анҷом дода шавад.

Моддаи 81. Иҷозат барои паҳн кардан

1. ФФТ ва аъзоёни он барои иҷозат додан ба паҳнкунии тасвир, садо ва дигар интиқолдиҳандагони маълумот оид ба бозиҳои футбол ва чорабиниҳои таҳти салоҳияти онҳо қарордошта бидуни ҳар гуна маҳдудият масъулияти истисноиро бар дӯш доранд.

2. Кумитаи иҷроия бо ин максад қоидаҳои махсусро таҳия менамояд.

X. ВОХӮРИҲО ВА МУСОБИҚАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Моддаи 82. Воҳӯриҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ

1. Салоҳият барои ташкил намудани воҳӯриҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ дар байни дастаҳои намояндагикунанда ва дар байни лигаҳо, дастаҳои клубҳо ва/ё скретч-дастаҳо танҳо ба ФИФА, конфедератсия(ҳо) ва/ё ассотсиатсия(ҳо)и дахлдор дода мешавад. Ҳеҷ гуна чунин бозӣ/воҳӯрӣ ё мусобиқа бидуни иҷозати пешакии ФИФА, конфедератсия(ҳо) ва/ё ассотсиатсия(ҳо)и дахлдор мутобиқи Қоидаҳои ФИФА оид ба воҳӯриҳоиҳои байналмилалӣ гузаронида намешавад.

2. ФФТ тақвими воҳӯриҳои байналмиллалиро риоя менамояд, ки аз ҷониби ФИФА тартиб дода шудааст.

Моддаи 83. Шартномаҳо

ФФТ, аъзоён, бозигарон, шахсони мансабдор, намояндагони иҷозатномадор оид ба бозӣ/воҳӯрӣ ва миёнаравҳои он наметавонанд бидуни иҷозати ФИФА бо ассотсиатсияҳое бозӣ кунанд ё бо онҳо шартномаҳои варзишӣ ба имзо расонанд, ки аъзои ФИФА ё аъзоёни муваққатии конфедератсия намебошанд.

Моддаи 84. Тасдиқ

1. Клубҳо, лигаҳо ё ҳар гуна гурӯҳи дигари клубҳо, ки ба ФФТ вобаста мебошанд, метавонанд танҳо бо иҷозати ФФТ, ассотсиатсияи дигар, конфедератсия(ҳо)и дахлдор ва ФИФА ба ассотсиатсияи дигар ҳамроҳ шаванд.

2. Клубҳо, лигаҳо ё ҳар гуна гурӯҳи дигари клубҳо, ки ба ФФТ вобаста мебошанд, наметавонанд дар мусобиқаҳо дар ҳудуди ассотсиатсияи дигар бидуни иҷозати ФФТ, ассотсиатсияи дигар, ФИФА ва конфедератсия(ҳо)и дахлдор мутобиқи Қоидаҳои ФИФА оид ба воҳӯриҳоиҳои байналмилалӣ иштирок кунанд.

XI. МУҚАРРАРОТИ НИҲОЙ

Моддаи 85. Ҳолатҳои ғайричашмдошт ва форс-мажор

Кумитаи иҷроия ҳуқуқ дорад дар бораи ҳамаи ҳолатҳои форс-мажор ва ҳамаи масъалаҳое қарор қабул намояд, ки дар Оинномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд; чунин қарорҳо муқаррароти дахлдори ФИФА ва АФК, инчунин ҳар гуна қонунҳои ҳатмии амалкунандаро дар назар мегиранд.

Моддаи 86. Нашри ҳуҷҷатҳои созмонӣ

ФФТ дар вебсайти расмии худ ҳуҷҷатҳо ва иттилооти зеринро ҷойгир мекунад:[4]

а) Оиннома ва Низомномаи Конгресс;

б) Кодекси интихобот;

в) Кодекси интизом ва ахлоқ;

г) Қоидаҳои дохилии созмон;

ғ) қарорҳои муҳимтарин/асосӣ;

д) стратегияи ФФТ;

е) барномаи ҷаласаҳои Кумитаи иҷроия ва Конгресс;

ё) иттилоот дар бораи фаъолиятҳо ва ахбори ФФТ оид ба футбол;

д) дастурҳо.

Моддаи 87. Барҳамдиҳӣ

1. Ҳар гуна қарори вобаста ба барҳам додани ФФТ аксарияти аз се ду ҳиссаи овозҳои ҳамаи аъзоёни ФФТ-ро талаб менамояд, ки бояд дар Конгресси махсус даъватшуда ба ин мақсад қабул карда шавад.

2. Агар ФФТ барҳам дода шавад, дороиҳои он ба Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд. Он дороиҳои мазкурро мутобиқи уҳдадориҳои касбии дахлдор то аз нав ташкил шудани ФФТ ҳамчун идоракунандаи боэътимоди дороиҳо нигоҳ медорад. Бо вуҷуди ин, Конгресси ниҳоӣ метавонад бар асоси аксарияти аз се ду ҳиссаи овозҳо дигар гирандаи дороиҳоро интихоб намояд.

Моддаи 88. Пайдо намудани эътибори қонунӣ

Оинномаи мазкур дар Конгресси ФФТ дар санаи 16 декабри 2023 қабул карда шуда, фавран пас аз бақайдгирии давлатӣ эътибори қонунӣ пайдо менамояд. Оинномаи қаблии ФФТ пас аз бақайдгирии давлатии Оинномаи мазкур бекор ҳисобида мешавад.

Моддаи 89. Муқаррароти давраи гузариш

1. Тавре ки дар моддаи 14-и Оиннома мазкур муайян карда шудааст, ба аъзоён муҳлати 12 моҳ аз лаҳзаи қабул намудани Оинномаи мазкур барои иҷрои талаботҳои ҳатмии дар моддаи 15, банди 2, инчунин моддаи 18, банди 1 д), е), з), қ) ва л)-и Оинномаи мазкур пешбинишуда дода мешавад. Ҳар аъзое, ки ҳамаи ин талаботҳоро дар муҳлати дар боло зикршуда риоя намекунад, ба таври автоматӣ ҳуқуқи овоздиҳии худро дар Конгресс аз даст медиҳад ва вакил(он)и аъзои мазкур ҳангоми муқаррар кардани кворум дар назар гирифта намешаванд. Аъзои мазкур танҳо пас аз иҷрои уҳдадориҳои дар ин банд зикршуда ҳуқуқи овоздиҳии худро дар Конгресс барқарор мекунад.

2. Ҳайати Кумитаи иҷроия, тавре ки дар моддаи 39, банди 1-и Оинномаи мазкур муайян карда шудааст, танҳо нисбат ба Кумитаи иҷроия татбиқ карда мешавад, ки аъзоёни онро Конгресс пас аз қабул намудани Оинномаи мазкур интихоб мекунад.

3. Талабот барои гузаштан аз санҷиши садоқатмандӣ, тавре ки дар моддаи 39, банди 2-и Оинномаи мазкур зикр карда шудааст ва меъёрҳое, ки дар моддаи 39, банди 4-и Оинномаи мазкур муайян карда шудааст, нисбат ба аъзоёни Кумитаи иҷроия татбиқ намешавад, ки онҳо дар лаҳзаи қабул намудани Оинномаи мазкур фаъолият мекарданд. Талабот аз ҷониби ҳар номзаде иҷро карда мешавад, ки пас аз қабул намудани Оинномаи мазкур барои ишғол кардани ҳар гуна вазифа дар Кумитаи иҷроия номзадии худро пешниҳод мекунанд.

4. Муҳлати ваколате, ки дар моддаи 39, банди 3-и Оинномаи мазкур муайян карда шудааст, танҳо пас аз интихоботи аъзоёни Кумитаи иҷроия татбиқ мешавад, ки пас аз қабул намудани Оинномаи мазкур баргузор мегардад.

5. Талабот барои аллакай ба таври фаъол машғул будан дар футбол, тавре ки дар моддаи 39, банди 4-и Оинномаи мазкур пешбинӣ шудааст, нисбат ба номзадҳои зан татбиқ карда намешавад, ки онҳо ба вазифаи аъзоёни Кумитаи иҷроия дар интихоботи якуми Кумитаи иҷроия номзадии худро пешниҳод менамояд, ки пас аз қабул кардани Оинномаи мазкур баргузор карда мешавад.

6. Пас аз қабул кардани Оинномаи мазкур, Кумитаи иҷроия аъзоёни кумитаҳои доимиро таъйин мекунад, тавре ки дар моддаҳои 48-57-и Оинномаи мазкур муайян карда шудааст.

7. Дар тӯли 12 моҳ пас аз қабул кардани Оинномаи мазкур, Конгресс аъзоёни дахлдори кумитаҳои мустақилро интихоб менамояд, ки ҳанӯз вазифаеро ишғол накардаанд, тавре ки дар моддаҳои 60-65-и Оинномаи мазкур муайян карда шудааст. Дар тӯли ҳамин давра, Конгресс ҳамчунин аъзоёни дахлдори кумитаҳои мустақилро аз вазифа озод менамояд, ки ба меъёрҳои мустақилияти дар моддаи 61, банди 6-и Оинномаи мазкур зикршуда ҷавобгӯ нестанд ва шумораи муносиби аъзоёнро барои ишғоли вазифаҳо интихоб мекунанд.

8. ФФТ аз лаҳзаи қабул кардани Оинномаи мазкур барои мутобиқ намудани [номи қоидаҳо, кодекс ё ҳар гуна ҳуҷҷати дахлдори ҳуқуқӣ] ба муқаррароти Оинномаи мазкур як сол вақт дорад.

ЗАМИМАИ А – САВОЛНОМА БАРОИ САНҶИШИ САДОҚАТМАНДӢ

Қисми 1: Муқаррароти умумӣ

1. Санҷиши садоқатмандии номзадҳо ва шахсони ишғолнамудаи вазифаҳои расмӣ дар ФФТ, ки таҳти чунин санҷиш қарор мегиранд (“номзадҳо ё шахсони ишғолнамудаи вазифаҳо”), аз ҷониби мақоми дахлдор мутобиқи муқаррароти ин Оинномаи ва замимаи мазкур гузаронида мешавад.

2. Номзадҳо ё шахсони ишғолнамудаи вазифаҳо уҳдадор ҳастанд, ки тартиботи санҷиш ва ошкор намудани иттилоотро дар бораи худ риоя намоянд, тавре ки дар қисмҳои 2 ва 3-и поён баён карда шудаанд. Пеш аз раванди санҷиш, ҳар номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа бояд барои гузаронидани раванди мазкур тавассути варақаи пешниҳодшуда аз ҷониби мақоми дахлдори баргузоркунандаи санҷиши садоқатмандӣ розигии хаттии худро диҳад. Агар розигии хаттӣ пешниҳод нашуда бошад, чунин ҳисобида мешавад, ки номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа аз санҷиши садоқатмандӣ нагузаштааст.

3. Номзадҳо ё шахсони ишғолнамудаи вазифаҳо бояд ҳамеша софдилона амал кунанд ва пас аз огоҳсозии пешакӣ барои муқаррар кардани далелҳои дахлдор комилан ҳамкорӣ намоянд. Агар номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа бо мақоми салоҳиятдор барои баргузор намудани санҷиши садоқатмандӣ ҳамкорӣ накунад, чунин ҳисобида мешавад, ки номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа аз санҷиши садоқатмандӣ нагузаштааст.

4. Чунин ҳисобида мешавад, ки номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа аз санҷиши садоқатмандӣ нагузаштааст, агар ӯ:

а) аз ҷониби суди давлатӣ барои содир намудани ҷиноят маҳкум карда шудааст ё мавриди ҷазои интизомӣ қарор гирифтааст, аз ҷумла, агар ҷинояти мавриди назар масъалаи асосӣ бошад, на ҳуқуқвайронкунии хурд ё рафтори номуносиби мурофиавӣ;

б) аз ҷониби Кумитаи ахлоқи ФИФА ё ҳар гуна мақоми дигари варзишӣ айбдор дониста шудааст ва/ё маҳкум карда шудааст, ки озод намудан аз вазифаи дахлдорро ба таври ҷиддӣ зери шубҳа қарор медиҳад.

5. Бо дарназардошти муқаррароти дахлдор оид ба ифшо ва ирсол намудани иттилоот ва маълумоти зарурӣ, ки дар доираи санҷиши садоқатмандӣ мутобиқи замимаи мазкур ба даст оварда шудаанд, ҳамаи чунин иттилоот ва маълумоти зарурӣ бояд аз ҷониби мақоми баргузоркунандаи санҷиши садоқатмандӣ комилан махфӣ баррасӣ карда шаванд.

Қисми 2: Раванди санҷиш

1. Дар оғози раванди санҷиш, ҳар номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа бояд аз санҷиши муайянсозии шахсият (“санҷиши муайянсозии шахсият”) гузарад. Дар ин контекст, номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа бояд нусхаи шиносномаи боэътибори худро ба мақоми масъул барои гузаронидани санҷиши садоқатмандӣ пешниҳод намояд. Санҷиши муайянсозии шахсият тафтиш/муайян кардани унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

а) ном(ҳо) ва насаб(ҳо);

б) сурогаи ҷои истиқомат;

в) сана ва ҷои таваллуд;

г) миллат.

2. Ҳар номзад ё шахси ишғолнамудаи вазифа саволномаеро пур мекунад, ки дар қисми 3-и поён оварда шудааст.

3. Мақоми масъул барои гузаронидани санҷиши садоқатмандӣ метавонад ҷиҳати ба даст овардани иттилооти дахлдор дар бораи номзади мушаххас ё шахси ишғолнамудаи вазифа таҳқиқот ва/ё тафтишоти мустақилро баргузор намояд, ки мумкин аст иттилоотро дар бораи миёнаравҳо ва тарафҳои алоқаманд, ваколатҳо, бархӯрди эҳтимолии манфиатҳо, иштирок, инчунин мурофиаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятӣ/тафтишот дар бар гирад.

Қисми 3: Саволнома

Ном(ҳо):	
Насаб(ҳо):	
Суроғаи ҷои истиқомат:	
Сана ва ҷои таваллуд:	
Миллат:	
Касб:	

1. Оё шумо қаблан бо қарори ниҳоӣ барои ҳар гуна ҷинояти қасдан содиршуда ё ҷиноят маҳкум шудаед, ки ба вайрон кардани қоидаҳои рафтори дар қисми II, фасли 5-и Кодекси ахлоқи ФИФА пешбинишуда мувофиқ аст?

Не ☐ Ҳа ☐

Агар ҳа, лутфан мушаххас кунед:

2. Оё ягон мақоми роҳбарикунандаи варзиш дар гузашта нисбати шумо ҳар гуна ҷазои интизомӣ ё таҳрим (санксия) ва ё чораи ба он монандро барои амалҳое таъйин кардааст, ки ба вайрон кардани қоидаҳои рафтори дар қисми II, фасли 5-и Кодекси ахлоқи ФИФА пешбинишуда мувофиқ аст?

Не ☐ Ҳа ☐

Агар ҳа, лутфан мушаххас кунед:

3. Оё нисбати шумо ягон мурофиа шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ё интизомӣ ва ё тафтишот бурда мешавад?

Не ☐ Ҳа ☐

Агар ҳа, лутфан мушаххас кунед:

4. Ман комилан огоҳ ҳастам, ки нисбати ман муқаррароти Кодекси интизом ва ахлоқи ФФТ ва муқаррароти Оиннома ва дигар қоидаҳои Х татбиқ карда мешаванд, ки мумкин аст ба масъалаҳои садоқатмандӣ дахл дошта бошанд ва ман ин муқарраротро комилан риоя мекунам.

5. Дар ҳоли ҳозир ман дар соҳаи футбол вазифаҳои зеринро ишғол мекунам:

6. Далелҳо ва ҳолатҳои зерин метавонанд боиси бархӯрди эҳтимолии манфиатҳо нисбат ба ман шаванд (ниг. махсусан моддаи 25, банди 9-и Оинномаи мазкур):

7. Эзоҳот ва мушоҳидаҳое, ки метавонанд дар контексти санҷиши садоқатмандӣ аҳамияти эҳтимолӣ дошта бошанд:

8. Ман комилан огоҳ ва розӣ ҳастам, ки ин саволнома ба аъзоёни мақоми дахлдори ФФТ дастрас карда шудаанд.

9. Ман комилан огоҳ ҳастам ва тасдиқ мекунам, ки ман бояд ба мақоми баргузоркунандаи санҷиши садоқатмандӣ дар бораи хар гуна далелҳо ва ҳолатҳои дахлдоре хабар диҳам, ки пас аз ба охир расидани санҷиши садоқатмандӣ ба вуҷуд меоянд.

10. Ман комилан огоҳ ҳастам ва тасдиқ мекунам, ки ман барои комилан ҳамкорӣ намудан ҷиҳати муайян кардани далелҳои дахлдор оид ба санҷиши садоқатмандӣ, ки ман таҳти он қарор дорам, уҳдадор мебошам. Аз ҷумла, ман дархостҳоро дар бораи пешниҳод намудани ҳар гуна ҳуҷҷатҳо, иттилоот ё ҳар гуна маводи дигаре ичро хоҳам кард, ки дар ихтиёри ман нигоҳ дошта мешаванд. Ғайр аз ин, ман талабот барои гирифтан ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, иттилоот ё ҳар гуна маводи дигареро риоя хоҳам кард, ки дар ихтиёри ман нестанд, вале ман ҳуқуқи гирифтани онҳоро дорам.

11. Ман комилан огоҳ ҳастам ва тасдиқ мекунам, ки мақоми баргузоркунандаи санҷиши садоқатмандӣ ҳамчунин метавонад иттилоотро дар бораи таҳримҳои (санксияҳои) эҳтимолӣ (саволҳои 1 ва 2-и боло) мустақиман аз ФИФА ё конфедератсияи дахлдор, инчунин аз дигар муассисаҳо, ба монанди Суди варзишии арбитражӣ, ки дар шаҳри Лозанна, Швейтсария воқеъ аст ё Кумитаи байналмилалии олимпӣ дархост намояд. Дар робита ба ин, ман муассисаҳои дахлдорро аз ҳар гуна уҳдадорӣ барои таъмини махфияти иттилооти дахлдор озод мекунам.

12. Ман комилан огоҳ ҳастам ва тасдиқ мекунам, ки мақоми баргузоркунандаи санҷиши садоқатмандӣ метавонад иттилооти иловагиро дар бораи ман мутобиқи қисми 2, банди 3-и замимаи мазкур ҷамъоварӣ намояд.

_____ _____

(макон ва сана) (имзо)

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ БАҚАЙДГИРИИ
ДАВЛАТИИ ТАШКИЛОТҲОИ
ҶАМЪИЯТӢ ВА ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

ДАР ҲАҶМИ 43 САҲИФА

РАҚАМИ ҚАЙД № 328 и/Т

аз "16" 02 2023

имзои шахси масъул

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН